Некоторые зарубежные и отечественные специалисты, занимающиеся исследованием проблемы коррупции, обращают внимание на тот факт, что в основе коррупции лежат чисто *экономические отношения,* имеющие универсальный характер и присутствующие в любом цивилизованном обществе. Так, американский ученый С. Роуз-Аккерман, в коррупции усматривает *гипертрофированное стремление государства, в лице уполномоченных органов власти и должностных лиц, всеми имеющимися способами урегулировать экономические взаимоотношения граждан и юридических лиц, посредством создании большого количества бюрократических барьеров*, например, для развития предпринимательства. Следствием такого подхода является формирование «теневого рынка», порочного по своему содержанию, основанного на нелегальных способах получения максимальной выгоды и прибыли[1].

Профессор А.И. Долгова считает, что ключевой причиной коррупции является ее *социальная обусловленность.* Она отмечает, что эскалация коррупции и усугубление ее качественных характеристик закономерны для тех состояний общества, когда одновременно, в единой системе, отмечается следующее: во-первых, мерой всего оказываются исключительно *деньги,* материальные ценности, определяющие самые разные стороны жизни человека, деньги девальвируют и духовные ценности. *Ценность человека определяется размерами его личного денежного состояния независимо от способов получения последнего, это во-первых, а во-вторых, признаются допустимыми любые средства во имя обогащения; в- третьих, в рамках закона не обеспечивается даже минимальный стандарт жизни, закон по разным*

[1] См.: Тимофеев Л.М. Институциональная коррупция. М.: РГГУ, 2000.

*причинам не соответствует криминологическим значимым реалиям»[1].*

Эти выводы полностью подтверждаются результатами отчета Центра Стратегических Исследований при Президенте РТ (ЦСИ) за 2006г., в котором отмечается, что в ходе исследования посвященного коррупции в Таджикистане 90,7% опрощенных граждан причиной коррупции назвали низкую зарплату государственных служащих, 78,1% - их желание лично, и быстро обогатиться, 73,8% отсутствие строгого административного контроля, 65,0% неэффективную судебную систему, 63,3% несовершенство законодательства[2].

Примерно аналогичной точки зрения придерживается и общественность РФ. Так, результаты проведенного в 2007г., Институтом социологии Российской академии наук, исследования показали, что *причины коррупции состоят в жадности и аморальности чиновников и бизнесменов - 70,1%, в неэффективности государства и несовершенстве законов - 63,3%, низком уровне правовой культуры и правовом нигилизме значительного количества населении - 37,2%, классовости и семейственности в системе государственной службы - 33,9%, правовой неграмотности государственных служащих - 18,78%[3].*

Последние две показателя присуще по нашему мнению и для Республики Таджикистан.

Следует констатировать, что если в 2006г. респонденты в Таджикистане называя причины коррупции делали акцент на личностные субъективные факторы (низкая зарплата, желание обогатиться, без контрольность чиновников), то через 5 лет мнение общественности по поводу причин коррупции координально изменилось, и теперь уже акцент больше сделан на недостатки в механизме организации работы органов власти в целом. Это подтверждается результатами исследования проведенного в 2010г. Так, среди причин коррупции главенствующей продолжает оставаться

---

[1] См.: Криминология: учебник для вузов / под общ. ред. А.И. Долговой. М.: Изд-во «НОРМА», 2001. С.573.

[2] ЦСИ «Коррупция в Таджикистане. Мнение общественности». Душанбе, 2006. С.75.

[3] См. Подкупающая откровенность: социологи выяснили, что думают российские граждане о причинах коррупции и способах борьбы с ней // Российская газета. 2008. 6 июня.

низкая зарплата чиновников - 65,8%, *однако лидирующие причины коррупции, по мнению респондентов, связаны с проблемой бюрократии, обилием инструкций, разрешений, проверок, ревизий, дающих чиновнику полный простор для произвола, шантажа и вымогательства взяток. Сюда примыкают и «чрезмерные налоги и сборы» - 64,7%. «Коррумпированность власти на высшем уровне» занимает четвертую позицию в списке причин - 64,2%. Достаточно высоко оцениваются гражданами в качестве причин коррупции проблемы, связанные с «низким образовательным и культурным уровнем чиновников» и «низким образовательным и культурным уровнем населения» - 57,6% и 54,3% соответственно*[1].

Результаты проведенного в Таджикистане последнего исследования, солидаризируется с мнением профессора А.В. Куракина, по мнению которого *организационными причинами коррупции в системе государственной службы являются дисбаланс прав, обязанностей и ответственности государственный служащих, а также нестабильность служебного положения государственных служащих, широкое распространение необоснованного административного усмотрения в вопросах поощрения, продвижения по службе, применения дисциплинарных взысканий, а также низкое денежное содержание государственных служащих*[2].

Названные обстоятельства способствуют росту коррупции. В связи с этим в ходе осуществления судебно-правовой реформы, а также реформы государственной службы в Республики Таджикистан, которые будут продолжены, необходимо предусмотреть специальные средства по минимизации коррупционных угроз, которые способствуют росту коррупции в системе государственной службы.

В самом общем виде в юридической литературе выделяются следующие причины:

- слабая правовая регламентация управления;
- низкая управленческая квалификация и правовая культура должностных лиц, служащих;

---

[1] ЦСИ «Коррупция в Таджикистане. Мнение общественности». Душанбе, 2010. С.37.

[2] См.: Куракин В.А. «Реформирование государственной службы России, должно иметь антикоррупционную направленность» // Российская юстиция. 2002. №7. С.24.

- коррумпированность части государственных служащих и «сращивание» некоторых государственных структур с преступными элементами, группами;

- боязнь новых решений и перестраховка, бездействие, противопоставление законности и целесообразности в процессе деятельности, в принятии решений, в оценке ситуаций и функциональных поступков работников;

- преувеличенная роль административного усмотрения сверх рамок закона и легально установленной компетенции органа, должностного лица[1].

Вместе с тем, нам представляется, что причинность коррупции необходимо рассматривать более широко, с учетом максимального числа условий и факторов ее появления и существования.

Исходя из этого, к общим *причинам коррупции* можно отнести следующие:

- политико-идеологические;
- организационно-правовые;
- социально-экономические;
- психолого-этические.

К *политико-идеологическим* причинам коррупции относятся:

1) появление феномена «бюрократического капитализма», представляющего собой противоправное взаимодействие представителей бизнеса и власти, основанное на корыстном интересе обеих сторон;

2) отчуждение большей части населения России от решения вопросов, связанных с борьбой против коррупции, отсутствие гражданской инициативы;

3) неэффективная на сегодняшний день реализация анти коррупционной политики;

4) отсутствие широко распространенной идеологической пропаганды противодействия коррупции.

К числу *организационно-правовых* причин необходимо отнести:

1) весьма «мягкие» санкции, предусмотренные таджикским законодательством за совершение коррупционных правонарушений;

[1] См. Административная этика // под ред. В.Л.Романова. М., 1999. С.174.

2) неэффективная реализация (а в некоторых случаях и просто игнорирование) органами государственной власти мер, направленных на борьбу с коррупционными проявлениями;

3) безынициативность государственных и региональных органов власти в решении многих вопросов по противодействию коррупции.

Подтверждением сказанному является то, что 73,4% опрошенных граждан в качестве основной меры борьбы называют «Усиление ответственности за взятки как для берущих, так и дающих», 38,4% считают, что коррупцию можно победить только всем миром. С ней должны бороться и власти и граждане[1].

Необходимо отметит, что практически уголовно-правовые средства противодействия коррупции трудно использовать в полном объеме в механизме реализации государственно-служебных отношений так как: «строгость уголовного преследования коррупционера обостряет и без того существующую проблему латентности коррупционных правонарушений»[2]. Следует, имеет ввиду, что жесткое уголовное преследование не искореняет коррупцию, она не исчезнет, а сменит формы, еще глубже уйдет в тень[3]. По этому, на наш взгляд более эффективно должны сработать административно правовые меры противодействия коррупции.

*К социально-экономическим* причинам коррупции можно отнести следующие:

1) опасность высокой степени расслоения общества на бедных и богатых, которая позволяет «обходить» многие законы с помощью денег и иных материальных благ;

2) достаточно значительный уровень инфляции и зависимости экономики Таджикистана от экспорта сырья – хлопка, алюминия и т.д.;

---

[1] См. Отчет ЦСИ «Коррупция в Таджикистане. Мнение общественности». Душанбе, 2010. С.41.

[2] См. Куракин А.В. «Административно-правовые средства предупреждения и пресечения коррупции в системе государственной службы РФ»: Дис. …д-ра юрид. наук. Люберцы, 2008. С.42.

[3] См. Кузнецов А.Н. «Преодоление коррупции в государственном аппарате» (теоретико-правовой аспект): Дис. ... канд. юрид. наук. СПб, 2000. С.154.

3) низкий уровень материального достатка жителей Республики Таджикистан.

К основным *психолого-этическими* причинами коррупции относятся:

1) исторические традиции, укоренившие в сознании таджикских граждан стремление к подкупу государственных служащих для реализации как законных, так и незаконных интересов; Например: в ходе исследования проведенное организацией «Право и благоденствие» 35% респондентов уверены, что если человек хочет решить свои вопросы быстро и качественно, он должен платить, 29% считают, что без этого не обойтись[1].

2) правовой нигилизм населения РТ в вопросах осознания значимости общественной опасности коррупционных проявлений;

3) отсутствие в сознании людей этических и моральных барьеров, запрещающих совершать коррупционные правонарушения.

Наряду со сказанным следует иметь в виду, что эффективность и реальность применения административно-правовых средств по предупреждению и пресечению коррупции зависит от принимаемых комплексных мер по совершенствованию государственной власти и государственной администрации Таджикистана в условиях проводимых реформ.

---

[1] См. Исследование проведенное М.О.О. «Право и благоденствие» «Изучение уровня восприятия коррупции в сообществах». Душанбе, 2010. С.21.

# ОМИЛҲОИ ПАЙДО ВА ИНКИШОФИ ҶИНОЯТҲОИ КОРРУПСИОНӢ

***Каримов Э.Ҳ.****

Дар сархати 1-и моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мубориза бар зидди коррупсия мафҳуми коррупсия дода шудааст, ки тибқи он коррупсия - ин кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё ба онҳо баробар кардашудае мебошад, ки мақоми худ ё имкониятҳои онро бо мақсади ба манфиати худ ё шахсони дигар ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигари бо қонунҳо пешбининашуда, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартариятҳо бо мақсади моилкунӣ ва (ё) қадркунии онҳо барои иҷрои ин ё он кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ истифода мебаранд, мебошад. Ба шумули ҷиноятҳои коррупсионӣ кирдорҳои таҳти татбиқи ҷазо қароргирифтае дохил мегарданд, ки аломати асосии он фурӯхта шудани шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё ба онҳо баробар кардашуда ба ҳисоб меравад. Моҳияти ин гуфтаҳо дар он зуҳур мекунад, ки шахси мансабдор бар ивази гирифтани мукофоти ғайриқонунӣ ё ваъдаи он ҳолати расмии (статус) худро ба савдо гузошта, салоҳияти худро фурӯхта, ба манфиати «харидор» амали (беамалӣ) хизматии худро содир мекунад. Дар қонунгузории чиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан ҷиноятҳои коорупсионӣ дар моддаҳои 319 - гирифтани пора, моддаи 320 - додани пора, моддаи 321- иғвои порадиҳӣ, моддаи 325 - додани мукофот ба хизматчӣ моддаи 279 - ришвадиҳии тиҷоратӣ пешбинӣ карда шудааст. Ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ҳамчунин ҷиноятҳое, ки яке аз тарзҳои содиршваии ҷиноят бо роҳи ришвадиҳӣ (м.м.130-иловаи 1, 150, 277, 353 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) мебошад ва аз ҷониби шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё ба онҳо баробар кардашуда содир шуда бошанд, дохил мегардад. Моро зарур аст, ки аз нуктаи назари иброзшуда ва роҳи таърихан тайнамудаи муборизаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ

---

* Муфаттиши калон оид ба супоришҳои махсусан муҳими Шуъбаи назоратӣ ва методии Раёсати тафтишотии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия.

алайҳи ин намуди ҷиноятҳо, омилҳои пайдоиш ва инкишофи ҷиноятҳои коррупсиониро рӯё гардем. Умуман ҷинояткорӣ беомил пайдо намегардад ва боло намеравад. Вале омилҳои пайдоиш ва болоравии кирдорҳои коррупсионӣ аз дигар намудҳои ҷинояткорӣ ба куллӣ фарқ мекунанд. Ба ақидаи мо омилҳое, ки ба пайдоишу болоравии ҷиноятҳои коррупсионӣ мусоидат кардаанд, гуногун буда, ин омилҳоро мо метавонем шартан ба ду гурӯҳ ҷудо намоем. Гурӯҳи аввал - омилҳои объективӣ ва гурӯҳи дуюм омилҳои субъективӣ-шахсӣ. Ба гурӯҳи омилҳои объективӣ ҳамон омилҳое дохил мешаванд, ки новобаста аз шахс ва шууру иродаи ӯ, дар натиҷаи таҳаввулот ва пешрафти ҷомеа ба вуҷуд омадаанд. Омилҳои субъективӣ-шахсӣ ҳамон омилҳоеро гуянд, ки вобаста ба шуур, дарк ва иродаи инсон пайдо гардидаанд. Омилҳои субъективӣ-шахсӣ дар навбати худ ба омилҳои фаъол (актив) ва ғайрифаъол (пассив) тақсим мешаванд. Омилҳои фаъол ин омилҳое мебошанд, ки сабабу шароити содиршавии ҷиноятро аз ҳаракати шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё ба онҳо баробар кардашуда барои ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигари бо қонунҳо пешбининашуда вобаста медонанд. Омилҳои ғайрифаъол бошад, ин омилҳое мебошанд, ки боиси аз тарафи шахси воқеӣ новобаста аз мавқеи ишғолкардааш дар ҷомеа пешкаш намудани неъмату бартариятҳо ба шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё ба онҳо баробар кардашуда гардидааст.

***Дар навбати аввал ба омилҳои объективӣ рӯ меорем:***

Яке аз омилҳои пайдоши ҷиноятҳои коррупсионӣ ин *омили таърихӣ* мебошад. Аз давраҳои хеле қадим, ҳатто гуфтан мумкин аст, ки аз давраи пайдоши инсон то ба имрӯз шахс барои расидан ба ҳадафҳои дуруст ё нодурусти худ аз амалҳои ғайриқонунӣ даст гирифта, ба шахси дигар чизи қиматнок, тухфа, ҳадя ва ё шароити дигари фоидабахшро пешниҳод менамояд, шахси дигар, ки онҳоро қабул мекунад ба хотири бахшишҳо ва бартариятҳо хоҳиши шахси аввалиро иҷро мекунад. Чӣ хеле, ки мо аз таърихи давраи феодалии сарзамини худ огоҳ ҳастем, бою амалдорони онвақта барои гирифтани вазифаи болотар ва ё «равғанин» ҳатто фарзандони ноболиғи худро ба амир «пешкаш» (тортуқ) мекарданд. Ё барои ҳал намудани баҳс ва масъалаҳои оилавӣ,

шаҳрвандӣ, маъмурӣ ва ғайраҳо ба қозиён пора медоданд ва қозӣ ба манфиати шахси порадиҳанда масъалаи ба миёномадаро ҳал менамуд.

Дар замони тошӯравӣ амалҳои коррупсионӣ тамоми қишри табақаи дорову амлокдоронро то мансабдорони олии давлатӣ пурра фаро гирифта буд. Пас аз инқилоби Октябр ва таъсиси давлати тоҷикон (аввалан ҶХШС Тоҷикистон ва баъдан ҶШС Тоҷикистон) дар ҳайати ИҶШС ҳарчанд амалҳои коррупсионӣ ҷой доштанд, вале ба ҳадди давраи пешин набуд. Баръакс, ба вазифаҳои давлатӣ шахсони аз табақаҳои коргару деҳқон таъин мешуданд. Ҳатто зиндагии оддии баъзе аз сарварони он давра намунаи ибрат мебошад. Дар даврони пасошӯравӣ раванди содиршавии амалҳои коррупсионӣ хеле боло рафтанд, ки сабаб ва омилҳои онро дар сархатҳои минбаъда ошкор хоҳем кард.

Раванди содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар даврони гузариш ба *иқтисодиёти бозоргонӣ*, ки шиори он тамоми арзиши молу маҳсулот ва хизматрасониҳоро бозор муайян мекунад, хеле боло рафт. Шиори мазкур ба мақоли «ҳама чиз харидаву фурӯхта мешавад» табдил ёфт. Дар ин давра на танҳо мол, балки баъзе чизҳои дигарро, ки ба ҳеҷ ваҷҳ мол номидан мумкин нест, харидаву фурӯхта шудаанд. Ин «молҳо» аз қабили мансабҳои «равғанин», қитъаҳои замин, диплом ва маълумотномаҳои таҳсилоти олӣ, рутбаҳои махсус, ҳарбӣ, шаҳодатномаҳои ронандагӣ, иҷозатномаҳои гуногун ва амсоли ин мебошанд. Шахс барои ба даст овардани як маълумотномаи оддӣ бояд ба шахсони салоҳиятдор «хизмат» кунад, вагарна ҳафтаву моҳҳо бояд сарсону саргардон гардад. Барои тезтар ҳал гардидани масъала шаҳрванд ришва пешниҳод мекунад. Ҳарчанд, ки он маълумотномаро шахси мансабдор ва ё ба ӯ баробаркардашуда дар муҳлати муайян ва бемаблағ пешниҳод намояд.

Дар даврони пасошӯравӣ яке аз ислоҳотҳое, ки ба миён омаданд - ин *хусусигардонии моликияти давлатӣ* ба шумор меравад. Омили хусусигардонӣ низ ба инкишофи ҷиноятҳои коррупсионӣ мусоидат намуд. Дар ин давра кор то ҷое расида буд, ки объектҳои калонҳаҷми давлатӣ ба арзиши як сутун ва ё дастгоҳи дар он объект буда, фурӯхта шудаанд. Маҳз дар ин давра барои соҳиб шудан ба чунин объектҳо ва амсоли он

шаҳрвандон бевосита ва ё ба воситаи миёнаравҳо ба шахсони мансабдори давлатӣ «таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартариятҳо бо мақсади моилкунӣ ва (ё) қадркунии онҳо барои иҷрои ин ё он кирдор» арзонӣ доштанд.

Аз байн рафтани *шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ* ва ба он баробаркардашуда ва суст шудани *назорати ҷамъиятиро* метавон ҳамчун яке аз омилҳои пайдоиш ва инкишофи ҷиноятҳои коррупсионӣ маънидод намуд. Зеро дар бисёр мақомоти давлатӣ, ки барои ба қавле «дар хизмати мардум» мебошанд, шаффофият дида намешавад. Яъне барои расонидани ин ё он намуди хизматрасониҳо ва арзиши ҳуҷҷатҳои пешниҳодмешуда бояд дар як гӯшаи мақомот шарту шароитҳо ва арзиши баамалбаровардани хизматрасониҳо нишон дода шавад. То шахс донад, ки барои амалӣ шудани хоҳиши ӯ чӣ амалҳои қонуниро бояд анҷом диҳад, оид ба вақт ва маблағи сарфмешуда маълумот гирад. Ин гуна амалҳо бисёртар вақт дар мақомоти ҳокимияти иҷроия, нотариусҳо, корхонаҳои бақайдгирии техникӣ, мизи шиносномадиҳӣ, бозрасии давлатии автомобилӣ, сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, муассисаҳои тиббӣ, ҷамоатҳо ва ҳоказо амалӣ карда мешаванд. Дар сурате, ки шахс аз арзиши аслии хизматрасониҳо ва ё арзиш надоштани онҳо бохабар нест, шахси мансабдори давлатӣ аз ин «нодониҳо» сӯистифода намуда, даст ба коррупсия мезанад. Суст шудан ва ё худ аз байн рафтани назорати ҷамъиятӣ дар он ифода мегардад, ки дар замони шуравӣ назорати (контроли) халқӣ (ҷамъиятӣ) вуҷуд дошт, ки аз ин назорат бисёр шахсони қаллоб, ҳаннот ва фассодкорон ба маънии томаш метарсиданд ва ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта даст намезаданд. Шахси мансабдоре, ки дар ин ё он корхона, муассиса ва ташкилот санҷиш (ревизия) мегузаронид, кори худро бекамбудӣ ва орӣ аз тамаъҷҷиҳо, аз рӯи қонун ба амал мебаровард. Зеро ӯ медонист, ки дар дилхоҳ вақт назорати халқӣ метавонад, аз болояш кор барад ва маълумот ҷамъоварӣ намояд. Ҳатто ошпази ошхонаи хурде аз тарси ин назорат хӯрокро бо риояи пурраи қоидаҳои гигиенӣ-санитарӣ мепухт. Ин гуфтаҳои мо маънои онро надорад, ки шахсони мансабдор ба кирдорҳои коррупсионӣ тамоман даст намезаданд. Кирдорҳои коррупсионӣ ҷой доштанд, вале шахсони мансабдор аз назорати халқӣ ибо мекарданд ва

хавфи содир намудани кирдорҳои хусусияти коррупсионидошта камтар мегашт.

***Омилҳои субъективӣ-шахсӣ:***

Аз омилҳои дар боло ишорарафта омили моилкунандаи содиршавии кирдорҳои коррупсиионӣ ин *омили хусусияти ҷамъиятӣ-ахлоқӣ ва равонидошта* мебошад, ки тибқи он дар замони пештар ва ҳозир низ дар байни мардум мақолҳое ҳамчун «коре нест, ки буд нашавад», «мушкиле нест, ки осон нашавад» ва «зар бар сари фӯлод ниҳӣ, нарм шавад» мавҷуд мебошанд. Ба ақидаи аксари одамон, ки мутаассифона тамоми ҷомеаро фаро гирифтааст, тамоми корро бо «пул» ва «шинос» «ҳал» намудан имконпазир аст. Дар натиҷа зуҳуроти коррупсия базаи иҷтимоӣ ва иделогиро ба худ гирифт, ки таҳкурсии онро аз ҷониби ҷомеа эътироф гардидани он ташкил медиҳад. Маҳз ҳамин гуна шахсоне, ки ин ақидаро дастгирӣ менамоянд, шахси мансабдорро ба содир кардани ҷиноятҳои коррупсионӣ моил мекунонанд. Ин омил дар даврони пасошӯравӣ хеле авҷ гирифт. Дар байни кормандоне, ки аз замони шӯравӣ то ба имрӯз кор карда омадаанд, нисбат ба мансабдороне, ки пас аз даврони истиқлол кору фаъолият доранд, хавфи содиркунии ин қабил ҷиноятҳо камтар мебошад.

Яке аз омилҳои асосии дар қишри ҷомеа зиёд паҳн шудани ҷиноятҳои коррупсионӣ ин *паст будани музди меҳнати шахсони мансабдори* давлатӣ мебошад. Вақте музди шахси мансабдор ормонҳои оддии рузгордориро пиёда карда наметавонад, ӯ маҷбур аст барои ҳатто рӯзгузаронии оилааш ба ин амал даст занад. Ҳамчунин, ба шахсони мансабдор амалӣ намудани хоҳишу мақсадҳои ғаразнок осонтар гардид, дар шароите ки қишри бой ва хеле бойи ҷомеа, ки омода ҳастанд, мушкилоти истеҳсолӣ, молиявӣ, ҳуқуқӣ, шахсӣ ва ғайраҳоро ба воситаи ришвадиҳӣ ҳал намоянд, пайдо гардид. Муаллифоне ҳастанд, ки ба ақидаи онҳо ин омилро наметавон ба шумули сабабҳои даст задан ба ҷиноятҳои коррупсионӣ ворид сохт. Ақидае доранд, ки музди меҳнатро баландкунӣ ҳам, ба мақоли халқӣ «тарки одат амри маҳол аст». Омили паст будани музди меҳнат ҳамчун омили зиёд ба қишри ҷомеа фурӯ рафтан ва реша давонидани коррупсия ба ҳисоб меравад. Агар мо бо роҳи зиёд кардани музди меҳнат мубориза барем, қишри ҷомеа аз ин фасод поктар мегардад.

Зеро дар ин самт мубориза имконпазир аст, на муқовимат. Муқовимат бо ҳамон шахсоне, ки дар ҳақиқатан агар муздро чӣ қадар баланд ҳам бардорӣ, боз даст ба ҷинояти коррупсионӣ мезанад, дуруст мебошад. Мақсади ин гуфтаҳои мо ин ҷо он аст, ки муаллифон бо ақидае, ки бо коррупсия ғолиб баромадан нашояд, истилоҳи муборизаро ба муқовимат табдил доданд, аз ин нуқтаи назар ба шахсе, ки бинобар паст будани музди меҳнат даст ба содир намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ мезанад, мубориза бурдан шояд. Зеро дар вақти суҳбатҳо аксар «шарте» мегузоранд, ки маош хуб бошад, асло ба кори «каҷ» намераванд ва ин қабил шахсон хеле зиёданд.

Омили дигари болоравии ҷиноятҳои коррупсионӣ ин омили ҳуқуқӣ мебошад. То имрӯз дар қонунгузорӣ холигӣ вуҷуд дошта, тибқи қонун фаъолияти мақомоти давлатӣ норавшан мебошад. Ҳангоми маънидодкуниҳо дар қонунҳо духӯрагӣ дида мешавад, ки шахси мансабдори давлатӣ онро ба фаҳмиши худ маънидод карда, сабабгори содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ мегардад. Қонунҳо ва санадҳои зерқонуние, ки фурӯши маҳсулот, хизматрасониҳо ва иҷрои корро ба танзим медароранд, номукаммал мебошанд. Ҳангоми ба ҷазоҳои ҳуқуқӣ ҷалб намудани ҳуқуқвайронкунандаҳо дар қонунгузорӣ ҷазоҳои алтернативӣ вуҷуд доранд, ки бо мақсади сабук кардани ҷазои пешбинишуда, шахси мансабдор ба коррупсия даст мезанад.

Аз мушоҳидаҳои шахсии худ ва суҳбат бо одамони касбу кори гуногун омили дигари инкишофи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидоштаро метавон номбар кард. Ба ақидаи шахсии мо омили дигаре, ки боиси содиршавӣ ва болоравии кирдорҳои коррупсионӣ гардидааст, ин омили мансуб ба таъин, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо мебошад. Ба вазифа ва хизмати давлатӣ шахсони тасодуфи қобилияту маҳорати пасти касбидошта ва шахсоне, ки мансабу вазифаро ҳамчун «сарчашмаи бойшавӣ» эътироф мекунанд, таъин ва интихоб карда мешаванд. Инчунин, дар як мақомот ва корхона хешовандон ва шахсони наздик кор мекунанд, ки хавфи содир кардани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта дар онҳо зиёд аст.

Дар боло он омилҳое оварда шудаанд, ки маҳз туфайли онҳо ҷиноятҳои коррупсионӣ пайдо шуда, рӯз то рӯз боло

мераванд. Ин ҷо нуктаеро бояд қайд кард, ки дар раванди муқовимат ё мубориза бо кирдорҳои коррупсионӣ шинохти шахсияти оне, ки даст ба ин гуна амалҳо мезанад, нақши асосӣ мебозад. Шахсоне, ки кирдори коррупсионӣ содир менамоянд, ба шароиту вазъи ҳаёти ҷомеа мутобиқ буда, шахсияти онҳо ба шахсияти он нафароне, ки ҷиноятҳои дигарро содир менамоянд бо хислатҳои зерин фарқ мекунанд: таҳсилоти онҳо таҳсилоти махсус ва ё олӣ мебошад, вазъи оилавӣ ва иҷтимоии хуб дошта, аз ҷиҳати таъминоти модди низ нисбат ба дигар ҷинояткорон вазъи хуб доранд. Омилҳое, ки дар боло зикр намудем, аз нигоҳи мост ва аминем, ки омилҳои боиси пайдоиш ва болоравии кирдорҳои коррупсионӣ бо ҳамин маърӯзаи мухтасари мо ба охир нарасидааст.

Маърӯзаи худро ба анҷом расонида, боварӣ дорам, ки конференсияи имрӯза дар беҳтар гардонидани ҳамкориҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқовимат бо коррупсия нақши муассире гузошта, саҳми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шаҳрвандонро барои пешгирӣ ва аз байн бурдани кирдорҳои коррупсионӣ боло мебарад. Ба кори конферeсияи ҷумҳуриявии илмӣ амалӣ дар мавзӯи „Ҳамкориҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон дар муқовимат бо коррупсия“ барору муваффақиятҳо хоҳонам.

# ҶАРАЁНИ АМАЛИГАРДОНИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ

***Мирзоҳомидзода Д.*[*]***

Дар ҷаҳони имруза яке аз монеаҳои асосӣ дар роҳи амалӣ гардонидани ҳуқуқу озодиҳои инсон коррупсия мебошад. Муқовимат ба коррупсия қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, таҳияи ва татбиқи он, аз ташаббуси олии сиёсии роҳбарияти давлат оғоз мегардад. Самаранокии муқовимат бо коррупсия аз иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди амалигардонии он вобастагии зич ва ногусастанӣ дорад. Мафҳуми муқовимат ба коррупсия фаъолияти тамоми мақомоти хокимияти давлатиро ҷиҳати ошкор, пешгирӣ ва бартараф намудани сабабу шароитҳои ба миён омадани ҳолатҳои коррупсионӣ мусоидаткунанда, ошкор ва мубориза бо ҳуқуқвайронкунихою ҷиноятҳои коррупсионӣ, бартарафсозии оқибатҳои номатлуби кирдорхои коррупсионӣ ва таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳо, баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон, пешрафти иқтисодиёт ва таъмин намудани амнияти кишварро дар бар мегирад. Коррупсия яке аз зуҳуроти хавфноки ҷомеа буда, дар миқёси ҷаҳонӣ ҳамчун ҷинояти вазнин ва яке аз унсурҳои таҳдидкунанда ба амнияти миллӣ ва халалдоркунандаи рушду суботи иҷтимоию иқтисодии давлат эътироф гаштааст. Рӯзмарра ва мубрам будани масъалаи баррасишавандаро ба инобат гирифта, Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии фаъоли раванди ҷаҳонии муқовимат ба коррупсия гардид ва дар сатҳи миллию байналмилалӣ чораҳои дахлдори ташкилию ҳуқуқиро андешид.

Дар сатҳи байналмилалӣ яке аз ҳуҷҷатҳои асосӣ ва муҳими ҳуқуқӣ, ин аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 сентябри соли 2006 ба тасвиб расонидани Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия ба шумор меравад. Бо мақсади ташкили мубориза бар зидди коррупсия ва андешидани чораҳои зарурӣ дар сатҳи миллӣ маҷмӯи санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ қабул гардида, доктринаи миллии ҳуқуқӣ дар ин соҳа ташаккул ёфт. Аз ҷумла, Фармони

[*] Судяи Суди н.Фирдавсии ш.Душанбе.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 1999, таҳти №1262 « Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахӯрӣ)» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 декабри соли 1999 «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» қабул гардида, баъдан 25 июли соли 2005 Қонуни зикргардида бо назардошти уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ба тасвиб расид. Инчунин бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ ва ислоҳоти идораи давлатӣ, ташаккули низоми шаффофи фаъолияти мақомоти идоракунӣ, сарфа ва истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-январи соли 2007, таҳти №143 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсис дода шуд. Ҷиҳати ба танзим даровардани фаъолияти Агентӣ ва муайян кардани мансубияти ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, 20 марти соли 2008, таҳти №374 Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумхурии Тоҷикистон» ва бо қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 07 сентябри соли 2007, таҳти №414 «Дастурамали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо» қабул гардида, ба як қатор санадҳои қонунгузории соҳавӣ бо мақсади мутобиқ гардонидани онҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи мубориза бар зидди коррупсия тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд. Бо мақсади андешидани чораҳои маҷмӯии ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди мубориза бар зидди коррупсия, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, таҳти №34 Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012 тасдиқ гардид. Стратегияи мазкур ҳамчун ҳуҷҷати муҳими давлатӣ баҳри тақвияти мубориза ва пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ заминаи мустаҳкам гузошта, дар доираи он аксари масъалаҳо дар самти мубориза бо коррупсия бо назардошти хулосаи таҳқиқотҳои сотсиологӣ, таҷрибаи

мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои дигар ва таҳлили омории вазъи коррупсия тайи давраи сипаригашта дар кишвар ҳалли худро ёфтанд. Дар доираи Стратегияи зикргардида масъалаҳои самарабахшии мубориза бо коррупсия ва оғози саривақтии парвандаҳо ва гузаронидани таҳқиқу тафтишоти парвандаҳо бо ҷиноятҳои коррупсионӣ, мансубияти ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти коррупсионидошта, механизми муносиби идоракунӣ ва таъмини шаффофият дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботдиҳии молиявӣ, ба таври электронӣ ва ба воситаи бонк ҷорӣ намудани пардохти хизматрасониҳои мақомот ва муассиаҳои давлатӣ ва дигар тадбирҳои дар Стратегияи пешбинигардида дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор танзими худро ёфтанд.

Ба ғайр аз ин, қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2008, таҳти № 374 «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 21 июли соли 2010, таҳти №626 « Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ», аз 21 июли соли 2010, таҳти №631 «Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ», аз 29 декабри соли 2010, таҳти №644 «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 25 марти соли 2011, таҳти №684 «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм», аз 25 марти соли 2011, таҳти №687 «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», аз 25 марти соли 2011, таҳти №702 «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», аз 28 июни соли 2011, таҳти №720 «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда», аз 28 июни соли 2011, таҳти№721 «Дар бораи амният», аз 28 июни соли 2011, таҳти №723 «Дар бораи моликияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 28 июни соли 2011, таҳти №749 «Дар бораи палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 02 августи соли 2011, таҳти №751 «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», аз 16 апрели соли 2012, таҳти №828 «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 01 августи соли 2012 таҳти №895 «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо дарназардошти талаботи бозори меҳнат», аз

28 декабри соли 2012, таҳти №925 «Дар бораи экспертизаи зидди коррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», низ аз талаботи стратегияи мазкур бармеояд.

Ҳамзамон, қабули Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2010, таҳти № 864 «Дар бораи тадбирҳои иловагии тақвивияти муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 сентябри соли 2010, таҳти №431 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба таъмини иҷрои тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012» ҳамчун ҳуҷҷати кӯтоҳмуҳлати давлати дар радифи Стратегия, идомаи мантиқи муқаррароти асосии он, ҷиҳати мукаммалгардонии сиёсати зидди коррупсионӣ заминаи устувор барпо намуд.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 2010 Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, дар як вақт Низомномаи он тасдиқ карда шудааст.

Шӯрои миллӣ – мақоми умумимиллии машваратии мутобиқсозандаи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, ба ҳайати он дар баробари мақомоти давлатӣ, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, соҳибкорон, ВАО ва дигар табақаҳои гуногуни аҳолӣ шомил мебошанд.

Шӯрои миллӣ дар иҷрои санадҳои меъёрии хуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ, Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мақомоти давлатӣ мусоидат намуда, мониторинг ва баҳогузорӣ ба фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, назорати иҷрои чорабиниҳои пешгирии корупсия ва сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда, ташаккули фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсияро таъмин менамояд.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013 таҳти №1504 Стратегияи зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, тасдиқ карда шуд. Стратегияи зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 санади барномавии дурнамои миёнамуҳлати сиёсати миллии

зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия буда, бахри паст кардани шиддат ва сатҳи коррупсия дар кишвар равона гардида, дар ҳамкории зичи байни мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ва ҳамкорӣ бо созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ амалӣ карда мешавад. Стратегияи нав идомаи мантиқии Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012 ва тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2010 таҳти №864 буда хислати навкардашудаи низомнок ва маҷмӯӣ пайдо кардааст.

Созмони байналмилалии ҳифозати ҳуқуқ «Freedom House» маърӯзаи ҳарсоларо оид ба «Кишварҳои давраи гузариш – 2012» (Nations in Transit) интишор кардааст, ки дар он ҷараёни демократӣ дар кишварҳои баъдисоветӣ дида баромада шудааст. Барои баҳогузории вазъияти демократия Freedom House ҳафт мушахассотро истифода менамояд, аз ҷумла вазъияти ҷомеаи шаҳрвандӣ, сифати ҷараёни интихобӣ, вазъияти ВАО, сатҳи коррупсия. Дар маърӯзаи ҳарсола 29 мамлакати Аврупои Шарқӣ ва Евроосиё дар назар ҳастанд. Рейтинги Тоҷикистон, ки ба кишвар аз ҷониби созмони «Фридом Хаус» муайян шуд, соли 2004 нисбатан беҳтар шуда то ҳол бе тағйир аст. «Ба он нигоҳ накарда, ки дар давоми сол (2009) оид ба айбдоркунӣ дар ҷиноятҳои коррупсионӣ ягон мансабдори баландпояро дастгир карда нашуд, мақомоти суд ва прокуратура суръати кори худро оид ба парвандаҳои зиддикоррупсионӣ вусъат додаанд»[1].

Бонки умумиҷаҳонӣ дар тадқиқоти худ «Doing Business» барои соли 2010 Тоҷикистонро ба даҳгонаи кишварҳое, ки солҳои 2008/2009 сиёсати ислоҳотӣ дар онҳо зудтар гузаронида мешуд мансуб донистааст. Аммо баробари ин байни 183 кишвари ҷаҳон Тоҷикистон ҷойи 152 ва ҷойи охирро байни кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ ишғол намуд[2]. Дар рейтинги Бонки умумиҷаҳонӣ ва Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) «Мусоид будани пешбурди тиҷорат (ё соҳибкорӣ, минбаъд – бизнес) 2012» (Doing Business 2012) Тоҷикистон ба панҷ зина мавқеи

---

[1] Nations in Transit, p.504.

[2] Doing Business 2010, World Bank, 2009, ниг.: http://www.doingbusiness.org

худро беҳтар карда ҷойи 147 байни 183 кишвар ба ҷойи 152 дар рейтинги Doing Business-соли 2011 гирифтааш, ишғол намуд.

Маҷаллаи «Форбс» дар рейтинги «Кишварҳои беҳтарини ҷаҳон барои пешбурди бизнес» («Best Countries for Business») барои соли 2010 ба Тоҷикистон ҷои 121 байни 128 кишвар мансуб донист[1]. Ширкати аудитории байналмилалии «PricewaterhouseCoopers» дар рейтинги худ Тоҷикистонро ҳамчун давлати дорои низоми вазнини андозбандӣ эътироф намуд.

Нашриёти маъруфи оммавии амрикоӣ «The Daily Beast» моҳи апрели соли 2012 рӯйхати 20 кишвари фасодзадатарини ҷаҳонро интишор намуд. Экспертҳои нашриёт коррупсияро баҳогузорӣ мекарданд, «фасод» дар соҳаи таъмини ҳуқуқҳои сиёсӣ, озодиҳои граждани ва озодиҳои ВАО, инчунин шаффоф набудани пешбурди бизнесро баҳогузорӣ мекарданд. Ҳар як маҳак аз рӯи ҷадвали 10 холӣ баҳогузорӣ карда мешуд, ки 10 ин холӣ аз ҳама паст мебошад, баъдан баҳогузориҳо оид ба ҳамаи маҳакҳо мавриди таҳлил қарор дода холи маҷмӯии умумӣ аз рӯи ҷадвали 100 холӣ бароварда мешуд. Тоҷикистон ба рӯйхати нашриёт наафтод.

Ҳамзамон, дар панҷ соли охир дар Тоҷикистон сатҳи дарки коррупсия ба 14,2% афзуд ва 46,1%-ро ташкил додааст. Дар ин бора дар тадқиқотҳои иҷтимоии «Коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Афкори ҷамъиятӣ», ки соли 2011 аз тарафи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи рушди СММ дар Тоҷикистон ва Бюрои САҲА дар Тоҷикистон гузаронида шудааст, қайд мегардад. Аз рӯи маълумоти ҳисоботи гуногун, дар Тоҷикистон коррупсия қариб ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ворид шудааст[2]. Чунин афзоиш, аз афти кор, аз афзоиши ошкоршавии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои коррупсионӣ, ки қаблан рӯйпуш ва бақайднагирифташуда (латентӣ) буданд ва афзоиши иқтисодиёт ва буҷети давлатӣ (МДМ-ВВП) ва аҳолӣ, мутаносибан афзоиши хавфҳо ва омилҳои коррупсионӣ вобаста аст.

---

[1] Forbes, Special report, Best Countries for Business, 09.08.10, ниг.: http://www.forbes.com

[2] “The domestic economy: Despite robust economic growth, poverty is endemic”, Economist Intelligence Unit, 14

Баамалбарории маҷмӯи тадбирҳо оид ба таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, қудратӣ ва судҳо ҳамчун тадбири мушаххас баҳри устувор намудани самаранокии фаъолияти кормандони мақомоти зикршуда ва таъмини амният мувофиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи амният", ки соли 2011 қабул гардид, равона мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вазъияти оромии сиёсӣ, боздоштани шаклҳои ба ҷамъият хавфноки ҷинояткорӣ ва боварии мардум ба ислоҳоти ҳукуматӣ аз муносибати содиқонаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад. Аз ин рӯ, тадбирҳои зерин аз сиёсати зиддикоррупсионии Тоҷикистон бармеояд ва дар тадбирҳои зерин ифода мегардад:

- таҳлили самранокии фаъолияти мутахассисон, такмили низоми ҷобаҷогузорӣ, омодагӣ ва бозомӯзии кадрҳо;

- таъмини баланд бардоштани сатҳи моддӣ-техникии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотии замонавӣ;

- таъмини устувории институтсионалӣ ҳамчун шарти муқобилият ба аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба кори дигар рафтани кадрҳои омодашуда, ки ташаккулёбӣ ва мустаҳкамкунии сутуни қобили амал ва касбиро таъмин менамояд. Мунтазам гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ-амалии масоили муҳими мубориза бо коррупсия барои таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба кушодан ва тафтишоти ҷиноятҳои коррупсионӣ баҳри осон гардонидани кори душвори кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судяҳо ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар ин ҷараён ташкили таҷрибаомӯзии кормандони зикршуда дар мақомоти зиддикорупсионии дорои таҷрибаи пешқадам дар кишварҳое, ки барномаҳои зиддикоррупсионӣ бомуваффаққият амалӣ шуданд, баробари омили муҳими ҳавасмандгардонӣ будан ва тариқи муқоисавӣ ба сифати баланд бардоштани муносибат ба иҷрои вазифаҳои хизматии худ барои азхуднамоии амалии истилоҳоти касбии забонҳои хориҷӣ ва истифодаи техникаи компютерӣ ва технологияҳои дигари замонавӣ ба таври ҷиддӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ ин самт самти асосии фаъолияти марказҳои такмили ихтисоси

кормандон буда барои манфиатовар намудани фаъолияти босамари онҳоро замина мегардад.

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон суд шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф гардидааст ва давлат ҳамасола ҷиҳати таҳкими сохтор, фаъолияти мақомоти судӣ, мустаҳкам намудани асосҳои моддию техникӣ ва беҳтар намудани вазъи ҳуқуқию иҷтимоии судяҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд:

- барномаи ислоҳоти судӣ-хуқуқӣ барои солҳои 2011-2013, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 январи соли 2011, таҳти №976 тасдиқ карда шудааст, ба масъалаи таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳимояи манфиатҳои қонунии давлат, корхонаҳо, муассисаҳо, ва дигар ташкилотҳо, такмили сохторҳои судӣ, тақвияти фаъолияти онҳо, беҳдошти вазъи моддию ҳуқуқии мақомоти судӣ ва судяҳо, инчунин мукаммал намудани қонунҳо равона гардидааст.

Ҳисоботҳои оморӣ дар мақомоти судии кишвар дар соли 2013 чунин мебошанд. Дар соли 2013, 751 парвандаҳои хусусияти коррупсионӣ дошта нисбати 947 нафар баррасӣ гардида, аз ин бо 622 парванда нисбати 786 нафар ҳукми айбдоркунӣ бароварда шуда, 82 парванда нисбати 98 нафар қатъ карда шуда, бо 1 парванда нисбати 1-нафар ҳукми сафедкунӣ бароварда шуда, 7 парванда нисбати 14 нафар ба тафтишоти иловагӣ баргардонида шуда, 39 парванда нисбати 48 нафар аз рӯи тобеияти судӣ ирсол карда шудааст. Тибқи ҳисоботи оморӣ баррасии парвандаҳои хусусияти коррупсионӣ дошта, дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, тамоюли зиёдшавӣ доранд. Агар дар соли 2012 - 571 парванда нисбати 714 нафар баррасӣ шуда бошад, пас дар соли 2013 - 751 парванда нисбати 947 нафар баррасӣ гардидааст.

Аз байн бурдани коррупсия дар ҷомеа корӣ осон нест. Дар баробари ин, бояд тазаккур дод, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар танҳоӣ аз уҳдаи ҳалли ин масъала баромада наметавонанд ва пеши роҳи ин падидаи номатлуби оқибатҳои ногувор доштаро, фақат дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ кохиш додан мумкин аст.

Зеро, коррупсия падидаи ҷамъиятиест, ки ҳамроҳ бо ҷомеа вуҷуд дорад, вале «маркази ягонаи идоракунӣ ва

тарҳрезии худро надорад», то аз он Марказ талаб намоем, ки пеши роҳи ин падидаро гирад!

То имрӯз, ягон давлати дунё натавонистааст, ки коррупсияро комилан ва пурра аз байн барад. Вале давлатҳое ба мисоли Сингапур, Гонконг, Индонезия, Малайзия, Шветсия, Олмон, сатҳи онро то ҳадди имкон коҳиш диҳанд.

Омӯзиш нишон медиҳад, ки нигаронӣ ва норозигии аҳолӣ аз ҳал нашудани масъалаҳои коррупсия, айни замон аз ақидаи маъмулие маншаъ мегирад, ки гуё мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои адолати судӣ намехоста бошанд ва ё наметавонанд ин масъаларо ҳал намоянд, вале дар асл ин тавр нест! Роҳбарияти сиёсии Тоҷикистон хуб дарк кардаанд, ки коррупсия пеш аз ҳама эътибори давлату ҳокимиятро дар назди ҷомеа коҳиш дода, боиси зарари зиёди иқтисодӣ ва пастшавии нуфузи давлат дар арсаи байналмилалӣ мегардад ва бо ҳамин роҳ ба амнияти давлату суботи ҷамъиятӣ таҳдиди ҷиддиро ба миён меоварад.

Сиёсати давлатӣ оид ба мубориза бо коррупсия пеш аз ҳама бо он асос меёбад, ки чораҳои зиддикоррупсионӣ дар шакли механизми махсус таҳиягардидаи маҳдудиятҳо ба фаъолияти ҳамарӯзаи мақомоти давлатӣ ҳамгироӣ карда шуда, аз тарафи онҳо мунтазам анҷом дода мешавад.

Дасггирии ҷамъиятӣ яке аз унсурҳои асосии мубориза бо коррупсия мебошад. Барои ҳамин Стратегия чорабиниҳои ҷалби ёрии ҷамъиятиро чун қисми таркибии ҳама гуна чорабиниҳои зиддикоррупсионӣ дар бар мегирад.

Ба андешаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Коррупсия ба пешрафти иқтисодиёт халал мерасонад, бунёди ҷомеаи демократиро заиф месозад, ва ба рушди демократия таъсири манфӣ мегузорад. Гузашта аз ин, коррупсия дар ҷомеа ба риоя нашудани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон замина фароҳам меорад ва ба пояи ахлоқ зарба мезанад. Пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия дар оянда низ яке аз самтҳои аввалиндараҷаи сиёсати ҳуқуқии давлат боқӣ мемонад».

# ҲАМКОРИҲОИ МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ

***Сафаров Д.*** *

Ба ҳамагон маълум аст, ки решаҳои коррупсия дар ҷамъияти шаҳрвандӣ хеле қадима буда, яке аз масъалаҳои доғи рӯз ва мушкилоти иҷтимоӣ мебошад. Коррупсия дар радифи мушкилоти глобалии давру замон ба мисли муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар зуҳуроти номатлуби ҷамъиятӣ буда тақозои онро дорад, ки мунтазам мавриди омӯзиши ҷиддӣ, муносибати махсус, муносибат ва муқобилияти дастаҷамъии маҷмӯӣ ва оперативӣ қарор дода шавад.

Таҷрибаҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки коррупсия бо рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ба раванди паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ҷомеа, итминону боварии шаҳрвандон ба сохторҳои давлатӣ, таҳияи чораҳои зиддикоррупсионӣ дар миқёси умумихалқи ва давлатӣ таъсири манфӣ мерасонад ва ин раванд идома меёбад. Таҷрибаи андӯхтаи давлатҳои мутараққии ҷаҳон, Созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи рушди глобалӣ нишон медиҳад, ки халқ ва ҳукумат барои амиқ намудани тағйиротҳои иқтисодию иҷтимоӣ бо пешбарии ғояҳои волоияти қонун, рушду такомули ниҳодҳои демократӣ тамоми чораҳои имконпазирро роҳандозӣ намудаанд.

Дар баробари пешравии иқтисодиёт, сатҳи зиндагӣ, дастовардҳо дар ҳамаи самтҳои илму техникаи ҷаҳонии муосир асри XXI ҷомеаи ҷаҳониро боз ба як таҳдиди глобалӣ дар мисоли коррупсия, ҳамчун як мушкилоти ҷиддии замони муосир рӯ ба рӯ овард ва хушдор медиҳад, ки мубориза бар зиддӣ камбизоатӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор, офатҳои табий, СПИД ва тағйироти иқлими глобалӣ аз қабили онҳо маҳсуб мегардад.

Муҳаққиқони соҳаи коррупсия бар он ақидаанд, ки чораҳои зарурие, метавонанд бо ин падидаи номатлуб муқобилият намояд, ин аз тарафи давлат амалӣ гардонидани

* Нозири калони Шуъбаи амнияти дохилии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори х.н.м.н.

сиёсати зиддикоррупсионии давлатӣ дар заминаи иттиҳоди аксари неруҳои ақлонӣ, зеҳнӣ, сиёсӣ, демократӣ ва ҳамкориҳои мақсаднок ва мутақобила бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад.

Бо мақсади пешгирии ҳодисаҳои хислати коррупсионидошта ҷиҳати амалӣ намудани Барномаи «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2014» Барнома ва нақшаи зиддикоррупсионии Агентӣ дар Дастгоҳи марказии Агентӣ ва сохторҳои он дар вилоятҳо як қатор чорабиниҳои назаррас андешида шуда, дар амал татбиқ гардида истодааст.

Ба ақидаи муҳаққиқон дар сурати андешидани иқдомоти маҷмуӯӣ ва оперативӣ, ин падидидаи номатлуб оқибатҳои фоҷиабор дошта асосу бунёди ҷомеаи демократиро заиф намуда, ба рушду такомули ниҳодҳои демократӣ таъсири амиқу ҳалокатовар мерасонад. Мутобиқи ақидаи муҳаққиқони самти коррупсия талафоте, ки аз мавҷудияти коррупсия давлат ва ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебинад ба маротиб аз ҳар гуна хароҷоте, ки ба амалӣ гаштани барномаи зиддикоррупсионӣ зарур аст, бо зудӣ он қадар фоидае хоҳад овард, ки нисбат ба сарфи он даҳҳо маротиба зиёд хоҳад буд. Бо мақсади ҳамоҳангсозӣ, дар заминаи иттиҳоди аксари неруҳои солими ҷомеаи шаҳрвандӣ, таҳлил ва баррасии масоили муқовимат бо коррупсия, муттаҳид намудани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии ҷумҳурӣ дар ин ҷода Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки масъулият ва бо назардошти аҳамиятнокии ин масъалаи доғи рӯз, ҷиҳати тақвият бахшидан ба рафти иҷрои ҳадафманду самараноки талаботи Стратегияи мубориза бо коррупсия пайваста чораҳои пешгирикунандаро амалӣ менамояд. Дар шароити имрӯза дар баробари мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор, мубориза бо коррупсия низ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Агентӣ ба ҳисоб меравад.

Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои саривақтии бандҳои дахлдори "Стротегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020" Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давраи

сипаригашта як қатор чораҳои ташкилӣ ва иқдомоти амалиро андешида роҳандозӣ намудааст.

Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи иҷрои бандҳои дахлдори Нақшаи чорабиниҳои асосии оперативӣ-хизматии АНМН-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои талаботи нақшаи кории Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014 дар ҳамкорӣ бо дигар сохторҳои қудратӣ, бо мақсади пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ ва баланд бардоштани самаранокии чораҳои пешгирикунанда, мубодилаи маълумоти оперативӣ, дастрасии иттилооти дахлдор дар мубориза бо коррупсия пайваста вохӯриҳои корӣ анҷом медиҳад.

Дар амал пиёда сохтани бархе аз тадбирҳо аз ҷониби Агентӣ ба раванди такмилдиҳҳии минбаъдаи муқовимат бо ин падидаи номатлуб, пешгирии омил, сабаб ва шароитҳое, ки метавонанд ба ҷинояти коррупсионӣ тақвият бахшанд мусоидат намуда ҳамчун зарурати раднопазир пазируфта шудаанд.

Тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия дар Агентӣ пеш аз ҳама ба ошкор ва бартараф намудани сабаб ва шавроитҳои пайдоиши коррупсия, пешгирии кӯшишҳои фароҳамоварии заминае, ки метавонад боиси сар задани ҳолатҳои коррупсионӣ гарданд, равона карда мешаванд.

Яке аз муҳимтарин дастовардҳо дар роҳи ба даст овардани таълиму тарбия ва пешгирии ҷинояту ҷинояткорӣ ин пеш аз ҳама дар якҷоягӣ фаъолият намудан бо дигар сохторҳои қудратӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошад. Айни замон ҳамкориҳо ба ҳамаи сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст, аз ҷумла бо Агентии назорати давлатии моливӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври лозима ва мунтазам бо иштироки кормандони онҳо дар доираи салоҳияти худ чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ ва пешгирикунанда дар мавзуъҳои муқовимат бо коррупсия дар байни ҳайати шахсӣ гузаронида мешаванд. Инчунин бояд қайд кард, ки гузаронидани чорабиниҳои мазкур дар байни аҳолӣ ва дар Васоити ахбори омма аз ҷониби Агентии назорати давлатии

моливӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан назаррас ва таъсирбахш ба роҳ монда шудааст.

Дар Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барнома ва нақшаи зиддикоррупсионии соҳавӣ оид ба пешгирӣ ва муқовимат бо коррупсия таҳия ва қабул гардида ҳуҷҷати мазкур барои назорат иҷро ба сохторҳои дастгоҳи марказӣ ва Раёсатҳои минтақавии Агентӣ ирсол карда шуд. Як нуқта қобили зикр аст, ки ин масъала оид ба омӯзиш фарогирии ҳайати шахсӣ ва такмили ихтисос оид ба проблемаи мубориза бо коррупсия ва бастани созишномаҳои байналмилалӣ дар борaи кӯмакрасонӣ ба омӯзиши байналмилалии мубориза бо коррупсия қариб, ки дар ҳамаи сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ ба таври лозима андешидани чорабиниҳои самаранок ва таъсирбахшро талаб мекунад. Гарчанде, яке аз воситаҳои асосии ҷалби ҳайати шахсии вазоратҳои қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бо коррупсия ин таҳия ва ҷорӣ намудани курсҳои таълимии зиддикоррупсионӣ мебошад, ки мақсади он ташаккул додани руҳияи зиддикоррупсионӣ, ҷаҳонбинии зиддикорупсионӣ, огаҳи аз дастовардҳои кишварҳои пешрафта дар мубориза бо он мебошад ва дар ин самт тағйиротҳои куллиро тақозо дорад.

Мувофиқи мақсад мешуморем агар таҳиягарон ва созмондиҳандагони курсҳо омӯзишӣ барои кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ ба ин масъала диққати ҷиддӣ дода ҳайати шахсии ин мақомотро бештар ба таҷрибаи ҷаҳонии мубориза бо коррупсия ҷалб месохтанд. Таблиғоту ташвиқот, шиору овезаҳо, иқдоми ташкилотҳои муборизабаранда бо коррупсия, фаъолияти воситаҳои ахбори умум дар ин самт нокифоя мебошанд.

Дар Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилҳо оид ба хатари коррупсионӣ, омилҳо ва сабабҳҳои ба он мусоидаткунанда мунтазам гузаронида шуда аз натиҷаҳои он тавсияҳо ва дастурамалҳо барои бартараф кардани зуҳуроти коррупсионӣ таҳия карда мешавад.

Ба таҳлили дақиқи сабабҳо ва омилҳои ҳолатҳои коррупсионӣ назар намуда дар ҳамаи сохторҳои давлатӣ бахусус дар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ барои амалӣ намудани

барномаҳои зиддикоррупсионӣ, заминаҳо ва решаҳои сарзадани ҳолатҳои коррупсионӣ, сабаб ва омилҳои мусоидаткунанда ба коррупсия, гузаронидани таҳлилҳо ва тадқиқоти дақиқи иҷтимоию ҳуқуқии сар задани он дар миқёси ҷумҳурӣ таъсис додани маркази ҷумҳуриявии таҳлилии тадқиқотиро зарур мешуморем.

Дар ин марказ ба ақидаи мо барои баланд бардоштани маърифатнокии кормандони соҳавӣ, дар руҳияи поктинатию покдоманӣ тарбия намудани мутахассисони ин соҳа бо истифодаи дастовардҳои ҷаҳони муосир дар самти муқовимат бо коррупсия шароити мусоид фароҳам меоварад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки муқовимат бо коррупсия асосан бо оқибатҳои фоҷиабори он аст, на бо сабабу заминахои ба он мусоидаткунанда.

Мутахассисон бар он назаранд, ки коррупсия ба мисли бемориест, ки дар марҳилаи аввал муайян намудани таърихи беморӣ душвор бошад ҳам, табобату пешгирии он хеле осон мегардад, лекин бо мурури замон он беморӣ куҳнатар гардад табобату пешгирии он мушкилоти зиёдеро ба бор меорад.

Ба фаъолият пардохтани чунин марказ бисёр монеаҳоро ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои корупсионӣ, профилактикаи қонуншиканиҳоро аз байн мебарад ва дар шароити имрӯза аз аҳамият холӣ нест. Амалисозии чунин тадбирҳо ба раванди тараққиёти давлат, беҳтар гаштани идоракунии давлатӣ дар соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ, фаъолияти мунтазаму мукаммали тамоми ташкилоту идораҳо, алалхусус сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ заруроти раднопазир мебошад.

# ҶИНОЯТҲОИ КОРРУПСИОНӢ ДАР СОҲАИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

***Сафаров А.И.****

**Ҳар онҷо ки пора шуд аз дар дарун,**
**Шавад устуворӣ зи равзан бурун.**
**(Унсурӣ)**

Коррупсия чун падидаи номатлуб дар ҷаҳони мутамадин ба як масъалаи глобалӣ табдил ёфтаст. Тамоми давлатҳои дунё бо ин ё он роҳ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки пеши роҳи ин зуҳуротро гиранд, ки Тоҷикистон дар ин росто истисно нест.

Тоҷикистон 20 соласт, ки дар фазои истиқлолияти сиёсӣ арзи ҳастӣ намудааст. Рушди мустақилона дар баробари афзалиятҳо баъзе омилҳои манфӣ низ дорад, ки яке аз онҳо ин коррупсия ва қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷинояткорона ба дастоварда мебошад. Ин зуҳуротҳо имрӯзҳо ба яке аз таҳдидҳои олами муосир табдил ёфтааст, ки амнияти кишварҳо ва минтақаҳоро зери хатар мегузорад. Он кулли мамлакатҳои оламро фаро гирифтаст ва дар ҳар макону замон дар сатҳи мухталиф зоҳир мегардад. Онҳо монанди дигар зуҳуротҳои зиддиҷамъиятӣ, коҳишдиҳандаи қонуният, адолат ва боварии мардум ба давлат буда, аз ин лиҳоз боиси ташвишу нигарониҳои сиёсию ахлоқӣ дар ҷомеа мегардад.

Коррупсия бемории давраи нумуъ буда, афзоиш дорад ва тачрибаи давлатҳои пешрафта нишон медихад, ки ҳеҷ вақт ба пурагӣ онро наметавон аз байн бурд. Дар мубориза бо ин падидаи нопок иродаю майли ба он мубориза кардан, конунхои дахлдору мақомоти ба мубориза ваколатдор ва афкори ба он созгор доштан, шарт ва зарур аст.

Бояд қайд намуд, ки баъди истиқлолият ба даст овардани Тоҷикистон, он ба гирдоби муқовимати ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд ва аз ин рӯ, низоми идора ва арзишҳои ахлоқии он зиёни ҷиддӣ диданд. Ин давра ба пайдоиши муносибатҳои нави иқтисодӣ ва тағйир ёфтани нақшу вазифаҳои мақомоти давлатӣ рост омада, нокифоягии

* Дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илми ҳуқуқшиносӣ.

вақт барои ба заминаҳои ҳуқуқии фарогири он, набудани таҷриба ва пайдоиши арзишҳои нави ахлоқӣ, ба вусъати ҷинояткори дар соҳаи иқтисодиёт ва ҷинояткории муташаккилона дар кишвар мусоидат намудааст.

Маълум аст, ки шароити мавҷуда мубориза бар зидди коррупсияро дар Тоҷикистон аз вазифаҳои муҳими имрӯзу фардо мешуморад. Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ин проблема ҳамавақт таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунанд. Бахусус аз соли 1999 шуруъ карда, кӯшишҳои зиёде дар самти мубориза бар зидди коррупсия андеша шуда истодааст. Ин заминаҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза зидди коррупсия» аз 10.12.1999, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришватхӯрӣ» аз 21.07.1999 ҷой дода шудааст. Меъёрҳои зиддикоррупсионӣ инчунин дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ», «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» низ мавҷуданд.

Бо коррупсия ва қонунигардонии даромадҳои ғайриқонунӣ ҳамчун падидаи номатлуб дар тамоми ҷаҳон мубориза мебаранд. Аз ҷумла, СММ, САҲА, Созмони ҳамкориҳои Шанхай ва дигар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ барномаҳои махсусро дар ин самт роҳандозӣ намуда истодаанд. Созишномаи СММ «Оид ба амалиёти зиддикорупсионӣ», ки 140 давлати дунё онро имзо намудааст, мувафақона мебошад. 31 октябри соли 2003 аз ҷониби Асамблеяи Генералии СММ Конвенсияи СММ «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» қабул гардид, ки сатҳи мубориза бо ин зуҳуроти номатлубро дар арсаи байналмилалӣ ҷоннок намуд. Тоҷикистон ба ҳардуи ин санадҳо аъзо буда, меъёрҳои онҳоро дар қонунгузории миллӣ, аз ҷумла дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25 июли соли 2005 ворид гардидааст.

Ҳамин тавр гуфтан мумкин аст, ки дар Тоҷикистон манбаи ҳуқуқии мубориза бар зидди коррупсия мавҷуд аст. Вале ин роҳи ҳалли пураи масъала набуда, бояд дар амал татбиқнамоии онро фаъол намуд. Чунки бо вусъат ёфтани

доираи ҷиноятҳои коррупсионӣ ва нагирифтани пеши роҳи онҳо, ин намуди ҷиноятҳо ба худ шакли ошкоро, руйрост ва худсаронаро мегиранд. Чунончӣ, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд менамояд: «…коррупсия дар тамоми олам вуҷуд дорад. Вале фарқияташ дар он аст, ки коррупсия дар Тоҷикистон ошкорою ваҳшиёна паҳн гаштааст. Он тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро аз поён то боло фаро гирифтааст»[1]. Ба ибораи дигар, «коррупсия ва фасодкориҳо ҳамчун одат» вориди рӯзгори шаҳрвандони Тоҷикистон гашта, «виҷдон», «адолат», «покӣ», «ватандӯстию миллатдӯстӣ», «кадрҳои тиллоии миллат, ифтихор аз илм ва шахси донишманд»-ро торафт танг карда, бароварда истодааст.

Ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ чун яке аз шаклҳои фаъолияти иқтисодии фоидаовар ва рушдкунандаи кишвар, имрӯз ба Конститутсияи Тоҷикистон ворид ва кафолат дода шудааст. Мутобиқи моддаи 12 Конститутсия давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат додаст. Ин меъёр дар боби 1 Конститутсия пешбинӣ шудааст, ки чун яке асосҳои сохтори констиутсионӣ самти инкишофи кишвари моро дар оянда муайн мекунад. Ба ин маъно, давлат кушиш ба харҷ медиҳад, ки фаъолияти соҳибкорӣ рушд намуда, ҳарчӣ бештар шаҳрвандон ба он ҷалб гардида, машғул гарданд.

Бо мақсади таъмини самараноки иҷроиши ин талаботи конститутсионӣ Ҳукумати Тоҷикистон як қатор қонунҳо ва барномаҳои алоҳида қабул намудааст. Ҷиҳати таъмини иҷроиши ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти озоди соҳибкорӣ зарурати ҳифзи он ба миён омадааст.

Қонунгузории ҷиноятӣ ҳамагуна таҷовузи ҷинояткоронаро ба фаъолияти соҳибкорӣ пешгирӣ менамояд. Агар мушахасан зик намоем, асосан дахолат ба фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби шахсони мансабдор ё рақибони онҳо вобаста ба соҳаи амалашон содир мегардад. Бинобар ин, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҳимояи фаъолияти соҳибкорӣ дар моддаҳои 258, 267 ва 317 Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ

[1] Баромади Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба рӯзи Артиши миллӣ. Садои мардум. 25.02.2007 сол.

гардидааст. Мутаасифона таҷрибаи амалигардии онҳо нишон медиҳад, ки сол то сол татбиқи онҳо кам шуда истифодааст.

Аммо пурсишҳои сотсиологии гуногун нишон медиҳад, ки сатҳи таъсиррасонии шахсони мансабдор ба фаъолияти соҳибкорӣ зиёд гаштааст. Бинобар ин, зарур аст то ба масъалаҳои пурзур намудани татбиқи онҳо диқати асосии худро равона созем.

Қайд кардан ба маврид аст, ки моддаи 258 Кодекси ҷиноятӣ ҷавобгарии ҷиноятиро барои монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ пешбинӣ менамояд. Ин модда чун меъёри махсуси ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ (моддаҳои 314 ва 316 Кодекси ҷиноятӣ) баромад мекунад. Аммо таҳлили муқоисавии байни онҳо нишон медиҳад, ки байни онҳо як қатор нишонаҳои хоси онро муқарар намудан мумкин аст. Аввалан, агар моддаҳои 314-316 Кодекси ҷиноятӣ (сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ, беамалӣ дар иҷрои вазифа ва баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ) ҷавобгариро барои ба таври ҷиддӣ вайрон кардани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ё ташкилотҳо ё манфиатҳои қонунан ҳифзшудаи ҷамъият ё давлат пешбинӣ намояд, пас моддаи 258 Кодекси ҷиноятӣ (Монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ) чунин ҳаракатҳоро пешбинӣ намекунад. Яъне метавон шахси мансабдорро, ки бе асосҳои кофӣ шахсро ба сифати субъекти фаъолияти соҳибкорӣ ба қайд нагирифтааст, новобаста аз мавҷудияти ягон оқибат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашид.

Дувум, мақсади махсус ҳангоми монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ. Новобаста аз зикр нашудани мақсад чун аломати тарафи субъективӣ дар моддаи 258 Кодекси ҷиноятӣ, он дар натиҷаи таҳлилии низомнок муайн карда мешавад. Шахси мансабдор бо роҳи додани ради ғайриқонунӣ ҳангоми бақайдгирӣ, додани литсензия ё маҳдуд сохтани ҳуқуқу уҳдадориҳои соҳибкори инфиродӣ ё шахси юридикӣ мақсад дорад, ки барои амали намудани ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ монеъа эҷод намояд.

Дар баробаби ин, диспозитсияи моддаҳои 258 ва 318 Кодекси ҷиноятӣ як қатор камбудиҳоро доро мебошад. Моддаи 258 Кодекси ҷиноятӣ радди ғайриқонунии бақайдгирии соҳибкории инфиродӣ ё корхона ё корхонаи

тиҷоратӣ ё саркашӣ аз бақайдгирии онҳоро чун шакли монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ пешбинӣ менамояд. Аммо истилоҳи «корхона ё корхонаи тиҷоратӣ», ки моли қонунгузории гражданӣ мебошад, нодуруст истифода шудааст. Чунки ба фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо «корхона» балки «ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ ва матлубот» низ метавонад машғул гардад. Аз ин ру, зарур аст ба ҷойи истилоҳи «корхона ё корхонаи тиҷоратӣ» ибораи «шахси ҳуқуқӣ» истифода гардад. Ибораи мазкур имконият медиҳад, ки аввалан истилоҳоти қонунгузории гражданӣ дар Кодекси ҷиноятӣ дуруст истифода карда шавад. Дувум, ибораи «шахси ҳуқуқӣ» тамоми намудҳои субъектони колективии фаъолияти соҳибкориро ифода месозад.

Яке аз чораҳои ҳимояи фаъолияти соҳибкорӣ ин иҷозат надодани шахсони мансабдор ба машғул гаштан ба он мебошад. Чунки шахси мансабдор метавонад бо истифода аз мақоми хизматии худ ҳуқуқу манфиатҳои субъектони соҳибкориро маҳдуд намояд ё бе асосҳои зарурӣ ба фаъолияти онҳо дахолат кунад. Ин ҳолатро ба эътибор гирифта, қонунгузор дар моддаи 318 Кодекси ҷиноятӣ ҷавобгарии ҷиноятиро барои иштироки ғайриқонунии шахси мансабдорро дар фаъолияти соҳибкорӣ муқарар намудааст. Сухан дар бораи он меравад, ки аз ҷониби шахси мансабдор таъсис додани ташкилоте, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад ё шахсан иштирок дар идораи чунин ташкилот ё ба воситаи шахси боваринок хилофи манъи муқаррарнамудаи қонун, агар ин кирдор аз фароҳам овардани имтиёз ва бартарӣ ё бо дигар шакли пуштибонӣ ба чунин ташкилот алоқаманд бошад. Аммо ин модда низ аз ноқисӣ холӣ нест.

Сухан дар он аст, ки моддаи 318 Кодекси ҷиноятӣ танҳо иштироки шахси мансабдорро дар фаъолияти соҳибкории шахси юридикӣ пешбинӣ менамояд. Лекин шакли дигари фаъолияти соҳибкорӣ ин соҳибкории инфиродӣ мебошад, ки машғул гаштан ба онро моддаи 318 Кодекси ҷиноятӣ нисбати шахси мансабдор манъ накардааст. Бинобар ин, зарур аст, ки дар моддаи 318 КҶ на танҳо иштироки шахси мансабдор дар фаъолияти соҳибкории шахси ҳуқуқӣ манъ карда шавад, балки ин модда соҳибкории инфиродиро низ дар бар гирад.

# ПЕШГИРӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ - ОМИЛИ МУҲИМИ ПАСТ НАМУДАНИ САТҲИ КОРРУПСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Турсунов Ш.Х.****

Коррупсия (фасод) таърихи хело қадима дорад ва басо барвақт пайдо шудааст.

Аз таърих дида мешавад, ки корупсия дар давраи аввали солшумории мелодӣ ва пеш аз он ҳам вуҷуд доштааст. Пеш аз ҳама бояд қайд намуд, ки ин масъала дар китоби муқаддаси мо мусулмонон **«Қуръони Карим»** ва баъдан аз қонунҳои Хамурапппи, 12 ҷадвал низ дида мешавад, ки гирифтани пора ришва ҳаром шуморида шуда ҳамчун ҷиноят ва гуноҳи бузург дониста шудааст.

Коррупсия зуҳуроти номатлуби ҷамъиятӣ буда, омӯзиши ҷиддӣ ва мунтазам, муносибати махсус, муқобилияти комплексӣ ва оперативиро талаб менамояд. Таъсири номатлуби коррупсия дар раванди рушди ичтимоию иқтисодӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, боварии шаҳрвандон ба институтҳои давлатӣ, демократӣ таҳияи сиёсати зиддикоррупсиониро дар миқёси умумимиллӣ талаб менамояд, ки бояд воситаи муттаҳидсозии саъю кӯшиши мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҳамаи шакли моликият ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ гардад.

Аз ин хотир Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди коррупсия таҳия шудааст ки то ба имруз зиёда аз 140 давлати дунё онро имзо намудаанд.

Муҳиммияти ин ҳуҷҷати Созмони Миллали Муттаҳидро ба назар гирифта Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аввалинҳо шуда – 25 сентябри соли 2006 ба он имзо намуд.

Конвенсияи мазкур 16 апрели соли 2008 аз ҷониби Парламенти Тоҷикистон – Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ (ратификатсия) карда шудааст ва минбаъд қисми таркибии системаи ҳуқуқии мо ба шумор рафта ҳамаи қонунҳои қабул намуда бо дарназардошти меъёрҳои он таҳия ва қабул шуда истодаанд.

---

* Сарнозири Раёсати пешгирии коррупсияи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони адлия.

Дар сарсухани ин ҳуҷҷат омадааст, ки **коррупсия як вабои мудҳиш аст, ки бо роҳҳои гуногун ҷомеаро фалаҷ месозад.**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир вобаста ба масоили коррупсия чун падидаи номатлуби ҷомеаи муосир, ки аъзоёни солим ва қувваҳои пешқадами ҷамъиятро ба ташвиш овардааст, ва дар асоси амалияи мақомоти идоракунии давлатӣ, ҷамъбасткунӣ ва таҳлили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, тадқиқотҳои илмӣ, дар ҳол ба як низоми мониторинг, яъне таҳлили донишҳо ва таҷрибаи мубориза шадид бо коррупсия ва пешгирии омилҳои коррупсионӣ табдил ёфтааст.

Ин равандро ҳамчун раванди илмӣ бо дарназардошти дар кишварҳои пешқадами ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки тараққиёти иқтисодӣ ва рушди иҷтимоии худро бо ташаккули низоми устувори мукаммали муқовимат бо коррупсия вобаста менамоянд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қабул намудаанд.

Аз ин лиҳоз дар Тоҷикистон солҳои охир тадқиқотҳо дар ин самт баробари сиёсати ҳуқуқии пешгирифтаи давлат оид ба муқовимати зидди коррупсия гузаронида шудаанд.

Дар таҷрибаи мавҷудаи мубориза бо коррупсия айни ҳол маълум гаштааст, ки зарари коррупсия асосан тавассути содир намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, аз қабили сӯйистифода аз ваколатҳои мансабӣ, тасарруфи молу мулки давлатӣ ва ҷамъиятӣ, қаллобӣ бо истифодаи вазъи хизматӣ, порахурӣ ва сохтакории хизматӣ.

Инчунин бо содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои гуногуни хусусияти интизомӣ дошта, ки бо қонуни мубориза бо коррупсия пешбинӣ гардидаанд, монанди хешутаборчигӣ, инчунин ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии бо коррупсия алоқаманд, ки дар моддаҳои 656-675 боби 38 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ба раванди дуруст ва рушду инкишофи ҷомеа зарарӣ ҷиддӣ, калон ва махсусан калон расонида мешавад.

Инчунин бе сабаб нест, ки дар сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ содда гардонидани проседураҳои маъмурӣ пешбинӣ гардидааст. Азбаски чӣ қадар монеъаҳо барои таъмини талаботи маишию дигари шахсии одамон зиёд ва девори онҳо баландтар шавад, ҳамин қадар онҳо кӯшиш

менамоянд, ки онҳоро бо роҳи осон табдил диҳанд ва ба мақсади худ расанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои гуногун барои пешгирии коррупсия, ки худ масъалаи нав мебошад, аз ҷумла чораҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ, гражданӣ-ҳуқуқӣ ва дигар воситаҳои ҳуқуқӣ истифода карда мешаванд.

Инчунин усулҳои васеъи пешгирсозанда, воситаҳои маънавию ахлоқии тарбия, ислоҳоти мактаб имрӯз мавриди омӯзиш ва амалисозии минбаъда қарор доранд.

Баъди ноил гардидан ба соҳибихтиёрӣ дар ҷумхурии мо сатҳи коррупсия хело баланд буд.

Ба ин пеш аз ҳама ҷанги шаҳрвандӣ, ки дар кишвари мо рух дода буд ва бисёр дигар сабабҳои вобаста ба он ба коррупсия мусоидаткунанда сабаби ҷой доштан ва рушди он гардидааст, ки дар поён оварда мешаванд, аз ҷумла:

- омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;
- сатҳи камбағалии аҳолӣ;
- тайёр набудани аҳолӣ ба муносибатҳои нави иқтисодӣ, иқтисоди бозоргонӣ, ва дуруст сарфаҳм нарафтан ба қонунҳои нави иқтисодӣ;
- дар сатҳи лозима қарор надоштани шаффофият дар фаъолияти мақомоти давлатӣ;
- дарҷаи нокифояи маданияти ҳуқуқии аҳолӣ ва ҳоказо.

Мубориза бо коррупсия ва таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иродаи қатъии роҳбарияти сиёсии мамлакат бо мақсади расидан ба тавофуқи (консенсуси) байни ҳамаи қувваҳои солимфикри ҷамъият, вусъати ботадриҷ ва дар амал ҷорӣ намудани сиёсати мубориза бо коррупсия мебошад, ки аз маҷмӯи чораҳои ҳаматарафа ва пешгирикунанда дар таъмини ислоҳоти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳамчун идомаи мантиқии сиёсати созандагии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Бо мақсади муборизаи бевосита бо коррупсия дар мамлакат ва муттаҳид сохтани саъю кӯшишҳои зидикоррупсионии давлат, ба мубориза ҷалб намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ, намояндагони тиҷорат ва ташкилотҳои байналмилалӣ, инчунин бартараф намудани такрори вазифа ва ваколатҳои мақомоти давлатӣ барои муқобилият бо коррупсия бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

10 январи соли 2007 таҳти №143 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки вазифаҳои асосии он аз пешгирӣ, барҳам додан ва ошкор сохтани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, таҳқиқи ибтидоӣ, тафтиши ҷиноятҳои коррупсионӣ, инчунин гузаронидани назорати давлатии молиявӣ иборат мебошад.

Бо таъсис ёфтани Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурат ба миён омад, ки пеш аз ҳама корҳои муайяни ташкилӣ ва ҳуқуқиро баҳри фароҳам овардани шароит ва заминаҳо барои оғоз ва минбаъд идома бахшидани фаъолияти Агентӣ анҷом дода шавад. Бо ин мақсад таҳия ва пешниҳоди лоиҳаҳои Қонунҳои нав ва тағйиру иловаҳо ба қонунҳоро амалӣ гардиданд ва минбаъд низ кор дар ин самт идома хоҳад ёфт.

Дар ин давра Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стратегияи муқовимат бар зидди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020», «Низомномаи тартиби адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оинномаи интизомии кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд. «Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид зидди коррупсия» тасдиқ гардид. Тағйиру иловаҳо ба **Кодекси ҷиноятӣ, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, Кодекси андоз**, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «**Дар бораи мубориза бо коррупсия», «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ», «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ»** ва ғайра қабул ва тасдиқ гардиданд, ки ҳамаи ин санадҳои меъёрии ҳуқуқии номбаршуда фаъолияти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба танзим медароранд.

Дар қатори ҳамаи он чорабиниҳое, ки барои мубориза бар зидди корупсия пешбинӣ шудаанд, пеш аз ҳама чораҳое, ки баҳри пешгирии коррупсия ва ошкору аз байн бурдани сабабу шароитҳои ба коррупсия муосидаткунанда равона шудаанд, роли басо муҳим мебозанд. Зеро, то мо сарчашмаи пайдоиши ин ё он зиён, ё падидаи номатлубро ошкор накунем ва дар давраи аввали пайдоишаш сари роҳи онро нагирем ва

чораҳои мушаххас баҳри пешгирӣ ва паҳншавии он андешида амалӣ накунем, баъди паҳну парешон шудани он мушкилиҳои зиёде дар ин самт садди роҳи мо мешаванд.

Таҳияи чораҳои комплексии ташкилию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба пешгирии самаранок ва муассир, ошкор ва бартараф кардани коррупсия, ташкили муборизаи судманди он дар сатҳи баланди касбӣ нигаронида шудаанд. Ҳамзамон ба татбиқи чораҳои пешгирикунанда диққати махсус дода мешавад, ки ба баланд бардоштани фаъолнокии аҳолӣ дар мубориза бо коррупсия, фароҳам овардани фазои умумии тоқатнопазирӣ нисбат ба коррупсия ва бартараф сохтани сабаб ва шароитҳои мусоидаткунандаи он равона гардидааст.

Вазифаҳои асосии пешгирии коррупсия аз таъмини ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, инчунин ҷамъият ва давлат аз коррупсия; амалӣ сохтани асосҳои меъёрии ҳуқуқии пешгирӣ, ошкор ва барҳам додани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ; муносибсозии шакл, усул ва воситаҳои муқобилият бо коррупсия; васеъ намудани татбиқи чораҳои пешгирикунанда дар мубориза бо коррупсия; ҳамкорӣ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ; тавсеъ ва фаъол гардонидани ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бо коррупсия иборат мебошад.

Проблемаи коррупсия аз он иборат аст, ки ҳангоми он ба сохтори идоракунии давлатӣ, хоҷагии халқ, соҳаи иҷтимоӣ ва дар маҷмӯъ ба тамоми ҷамъият зарари ниҳоят калон расонида мешавад. Вазъи воқеии коррупсия – ин як навъи таваҷҷӯҳ ба нуқсон дар кори механизми идоракунии мавҷуда дар шакли истифодаи нуқсонҳои он, ба таври ғаразнок таҳриф ё иваз намудани механизмҳои идоракунии барои ҷамъият ва давлат зарурӣ бо шакли коррупсионии он мебошад. Мисол, иқтисодиёти пинҳонӣ - ин қисман як навъи кӯшиши саркашӣ аз танзими давлатӣ мебошад.

Маҳдуд сохтани коррупсия бояд ба таври маҷмӯӣ ва ҳаматарафа сурат гирад ва азбаски сиёсати зиддикоррупсионӣ метавонад дар сатҳҳои гуногуни ҳокимият ба зиддият рӯ ба рӯ шавад, тақозо мегардад, ки чораҳои мубориза бо коррупсия бояд ҳамеша таҳти назорати ҷиддӣ

қарор гирад, то ки чораҳои каммаҳсул ошкор ва аз онҳо даст кашида шуда, ба чораҳои таъсирбахш иваз карда шаванд.

Таҳлил нишон дод, ки таҷрибаи коррупсионӣ гуногуншакл мебошад. Коррупсия дар тамоми шаклҳояш бояд дар қонунгузории ҷиноятӣ, маъмурӣ ва дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври дахлдор инъикос ёбад.

Шарти муҳими пешгирии коррупсия аз он иборат аст, ки расмиёти маъмурӣ ҳангоми додани иҷозатнома ва ҳуҷҷатҳои дигари ҳуқуқмуқарраркунанда ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи қонунгузорӣ то қадри имкон оддӣ гардонида шавад.

Ба чораҳои махсуси пешгирии коррупсия бояд интихоби озмунии инфиродии шаҳрвандон ба мансабҳои хизмати давлатӣ бо дарназардошти сифатҳои ахлоқию касбӣ дохил карда шавад. Бо ин мақсад бояд ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» бо дарназардошти самтҳои зиддикоррупсионии он тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд.

Бо мақсади такмили минбаъдаи сохтори идораи давлатӣ, таҳкими пойдории он ба сирояти коррупсия ҳамзамон бо баланд бардоштани музди меҳнати мансабдорон, ҳаматарафа баланд бардоштани сатҳи кордонӣ ва ахлоқӣ, гузаронидани аттестатсия, бояд нисбат ба хизматчиёни давлатӣ барои сари вақт пешниҳод накардан ё нопурра пешниҳод намудани маълумот дар бораи вазъи амвол ва даромад, инчунин вазъи молиявӣ ва даромади аъзои оила масъулияти интизомӣ муқаррар карда шавад. Ӯҳдадории исбот кардани сарчашмаи ба вуҷуд омадани амвол бояд ба зиммаи мансабдор гузошта шавад. Ҳамзамон бояд талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қонунигардонии маблағҳои пулӣ ва дар бораи авфи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ бинобар қонунигардонии молу мулк мунтазам риоя карда шавад.

Ҳамаи қарорҳои маъмурӣ бояд муаллифони масъули худро дошта бошанд, ки барои иштибоҳ мавриди сарзаниш ва барои вайрон кардани қонун ва вазифаҳои хизматӣ ба ҷавобгарӣ кашида шаванд.

# ГОСУДАРСТВЕННЫЙ МЕХАНИЗМ ПО ПРОТИВОДЕЙСТВИЮ КОРРУПЦИОННЫХ ПРЕСТУПЛЕНИЙ

*Худоёрбеков Д.Х.*[*]

Юридическая, специальная и научная литература свидетельствуют о том, что коррупция является непосредственным спутником государственного строя не зависимо от формы его развития.

История античности и Древнего Рима, где наиболее сильно процветал государственный строй перед обществом стояла проблема борьбы с коррумпированностью должностных лиц государства и вести её предполагалась посредством законов и остального порядка, а также всеми доступными силами и средствами. Свидетельством тому является высказывание Аристотеля в 420 году до н.э. где он подчеркнул, что «главное при всяком государственном строе – это посредством законов и остального распорядка устроить дело так, чтобы должностным лицам невозможно было наживаться».

Как видно из содержания приведённой цитаты проблема борьбы с коррупцией волновала лучшие умы человечества. История переполнена примерами случаев взяточничества, однако академическое изучение коррупции началось в основном с конца двадцатого столетия. В то время как историки записывали детали отдельных скандалов и эпизодов, общественный взгляд складывался над ратификацией того, что коррупция является отклонением от нормы и возможно имеет криминальный оттенок.

Большинство современных исследователей рассматривают коррупцию как бич сегодняшней посткоммунистической экономики и политики, также как бедность, коррупция сопровождает развитие современного государства. Также как и процветание для каждого, абсолютная интеграция в общественную жизнь является риторикой при идеалистическом отрицании, а не практическим и реальным явлением. Устранение коррупции

---

[*] Старший преподаватель кафедры уголовного процесса и криминалистики юридического факультета РТСУ.

из общественной жизни является несбыточной мечтой. Однако сознательное отношение к проблеме в обществе делает людей всё менее нетерпимыми к коррупции, её последствиям и оценке. Обвинения в коррупции становятся всё более частыми, демонстрируя способность к увеличению карательных санкции в отношении чиновников.

Внимание многих международных организации и финансовых институтов к данной проблеме также неуклонно возрастает, что требует необходимость создания систематизированной базы, направленной на урегулирование общественных отношений, складывающихся в сфере противодействия коррупции, забегая вперёд следует отметить, что сегодня такая правовая база уже создана и насчитывает более 20-ти правовых норм. Эта необходимость вызвана нарастанием прямой угрозы, рассматриваемого социального явления по отношению к демократии и правам человека, верховенству закона, стабильности демократических институтов и моральным устоям общества. Кроме того, коррупция подрывает принципы государственного управления, препятствует конкуренции, затрудняет экономическое развитие государства. Коррупционная преступность обладает способностью быстрого сращивания в первую очередь с организованной и экономической преступностью, а это в большей степени затрудняет борьбу с ними.

Проблема борьбы с коррупцией в государстве приобретает угрожающий характер. Она получила широкое распространение во всех слоях общества и среди различных ветвей государственной власти. Она стала серьёзно угрожать верховенству закона, демократии, подрывает доверие к власти, принципам государственного управления, противопоставляется здоровой конкуренции, затрудняет экономическое развитие и угрожает нормальному развитию рыночной экономики.

Следует подчеркнуть, что всё это вызывает большую озабоченность власти и общества.

Государства, строящие демократическое, правовое общество всеми силами и средствами должны обеспечить реализацию политики в области борьбы с преступностью. Противодействие коррупции является составной частью

внутренней и внешней политики государства, разработка и осуществление которой начинается с высшей политической воли руководства государства и общества. Эффективность противодействия коррупции зависит от активного участия всех ветвей государственной власти и гражданского общества, а также во взаимодействии с международными демократическими институтами в процессе его осуществления.

В механизме государства системы органов осуществляющих борьбу с коррупцией условно можно разделить на две группы, т.е., те органы, которые ведут борьбу с коррупцией (Генпрокуратура, МБО, ГКНБ, Агентство по государственному финансовому контролю и борьбе с коррупцией, налоговая служба) и оказывающие содействие первым в этой борьбе (Минфин, Минтруд, занятости населения, Министерство соцобеспечения, Верховный суд, Счётная палата).

Понятие противодействие коррупции охватывает деятельность всех органов государственной власти по выявлению, предупреждению, и устранению причин и условий, способствующих возникновению коррупционных ситуаций, выявлению и борьбе с коррупционными правонарушениями и преступлениями, устраняющих негативные последствия, обеспечению прав и свобод, повышению уровня жизни граждан, развитию экономики и обеспечению безопасности граждан.

Коррупция демонстрирует полное безразличие государственных должностных лиц к общественной пользе, к закону, к народу. Она представляет собой симбиоз монополии власти, дискреционных полномочий государственных служащих в принятии решений и отсутствии жесткой правовой подотчетности и подконтрольности чиновников.

Элитарная коррупция характеризуется:

- высоким социальным положением субъектов ее совершения;

- огромным материальным, физическим и моральным ущербом;

- изощренно – интеллектуальными способами их действия;

- снисходительным отношением властей к этой группе преступников.

Коррупция имеет высочайшую приспособленность непрерывно видоизменяться и совершенствоваться. Она профессионально использует недостатки и проблемы социально-правового контроля и юридической ответственности. По имеющимся данным правоохранительных органов выявляют не более 1-2 % реальной коррупции.

Коррупция становится нормой, а не исключением, в том числе и в таких средах как политической, правовой и экономической элиты. Правоохранительные органы сами отчасти ее поражены, не имеют достаточных возможностей и необходимости реальной независимости для борьбы с коррупцией. «Геометрический треугольник», криминальный бизнес, организованная преступность, коррумпированные чиновники живут только по своим законам.

Вряд ли стоит говорить о том, что коррупция носит в себе разрушительную силу устоям государства, его экономике, так как она выходит за рамки национальных границ и так как она стала серьёзной угрозой развития общества.

Наиболее уязвимыми для коррупции являются следующие области государственной деятельности:

- общественные поставки;
- распределение земель;
- доходные сборы;
- назначение на государственные и общественные посты;
- образование;
- медицина;
- оказание услуг.

Это далеко не полный перечень областей, где наиболее часто совершаются коррупционные правонарушения, и это не значит, что в других областях их нет. Все области государственной деятельности экономической, политической, социальной, культурной, правовой, общественной в равной степени способствуют совершению коррупционных преступлений, даже гуманитарные мероприятия и поддержка не остаётся без внимания коррупционеров, которые используют их как источники дохода. Как видно, опасность и

заразительность коррупционных проявлений требует со стороны государственных органов пристального внимания и определения таких действенных мер, которые сумели бы противостоят коррупции.

Указанные меры не должны носит символический характер. Они должны быть стратегически обоснованы, тактически грамотными, организационно разрешимыми, юридически регулируемые, действенными для всех государственных органов и под силу гражданам государства.

При этом следует учитывать то, что:

- абсолютная победа над коррупцией невозможна;
- не существует страны, которая обречена на масштабную и хроническую коррупцию;
- ограничение коррупции не может быть разовой акцией;
- коррупцию нельзя ограничить только законодательными методами борьбы с её проявлением;
- борьба с коррупцией достигнет успеха, если она всеохватна, комплексна, ведётся постоянно и на это направлены все силы власти и общества, если будет поддержка общественными мерами и действиями граждан со стороны государства.

Для целенаправленной и действенной разработки антикоррупционных мероприятий необходим тщательный анализ состояния, структуры, динамики, причин и условий совершения коррупции. За основу следует взять данные криминологической и криминалистической характеристик.

Ярким примером заботы Президента и Правительства государства по борьбе с коррупцией является разработка стратегии по противодействию коррупции в Республике Таджикистан на 2013-2020 г.г. утверждённой Указом Президента Республики Таджикистан от 30.08.2013 №1504, где подчёркнуто, что стратегия как программный среднесрочный акт политики Республики Таджикистан в сфере противодействия коррупции, направленный на снижение интенсивности и уровня коррупции с учётом международных стандартов разработана во взаимодействии между государственными органами и гражданами общества и будет осуществляться в соответствии с помощью международного сотрудничества с влиятельными мировыми и региональными организациями.

Содержание данной стратегии направлено на снижение уровня коррупции в Республики Таджикистан, регулярное устранение препятствий, создание условий для развития экономики, развития демократических ценностей, повышения благосостояния населения. В Стратегии содержится строгий диапазон противодействия коррупции, от успешной реализации которого зависит снижение уровня данного преступления. Анализ содержания стратегии позволяет нам меры по противодействию коррупции подразделить на две группы:

**1. Общесоциальные меры, к которым относятся:**

- корректировка хода экономических реформ, усиление социальной направленности реформ;
- переход к реальным и реализуемым бюджетам;
- совершенствование налогового законодательства;
- обеспечение чёткой правовой регламентации деятельности органов исполнительной власти, законности и гласности такой деятельности;
- усиление государственного и общественного контроля за деятельностью чиновников;
- повышение нравственного, морального и культурного уровня населения;
- привлечение институтов гражданского общества к борьбе с коррупцией, воспитание правового и гражданского сознания.

**2. Специальные меры, к которым относятся:**

- подготовка и принятие антикоррупционного законодательства с учётом современного состояния;
- проведение экспертизы действующего законодательства с целью установления несоответствия, упущений, неясностей и других недостатков, способствующих совершению антикоррупционных преступлений со стороны госслужащих;
- внедрение комплексных мер финансового контроля за государственными служащими;
- совершенствование института государственной службы в направлениях увеличения денежного содержания госслужащих, кадровой политики, формирования моральной обстановки и повышения престижа госслужбы;

- совершенствование системы и структуры государственных органов, осуществляющих борьбу с коррупцией, расширение их компетенций и полномочий, внедрение новых форм и методов борьбы с коррупцией;
- чёткое правовое разграничение видов юридической ответственности госслужащих за коррупционные правонарушения.
- внедрение в систему правоохранения достижение науки, техники и передовой практики борьбы с коррупцией.

Только на основе четкой и планомерной реализации указанных мер, возможно, лишь значительное ограничение масштабов коррупции и введение её в «цивилизованные рамки», защита основной массы населения от тотальных поборов на всех уровнях от рядового работника коммунальных услуг и милиционера до представителей высших эшелонов власти.

Проблема коррупции в обществе не столько правовая, сколько социально политическая. Ясно, что и стратегия превентивна и должна ориентироваться на мерах экономического, социального и политического характера. При этом следует отчетливо понимать, что и ликвидировать коррупцию, как любое иное социальное зло: имеющие глубокие корни и прочные основы в экономическом, политическом, социальном устройстве общества невозможно.

Особая опасность коррупции состоит в том, что она как раковая опухоль, перерождает государственный аппарат, приводит к его необратимым изменениям, которые можно удалить только хирургическим путем. Но самое главное коррупция – это катализатор организованной преступности, одна из необходимых составляющих ее «среды обитания». Существуя в единстве, эти два явления представляют самую серьезную опасность для государства и общества, особенно в условиях развивающейся демократии. Все это определяет необходимость совершенствования антикоррупционных мер и объединения всех сил общества в борьбе с коррупцией с использованием всех средств и методов имеющихся в распоряжении государственных структур.

Исходя из реального состояния коррупции, эффективности контроля над ней и борьбе с ней, а также основываясь на результатах широкого обсуждения этих

проблем и требованиях нормативно-правовых актов, регулирующих меры борьбы с коррупцией можно предположить следующие меры по совершенствованию предупреждения и усиления борьбы с ней.

- формирование бескомпромиссной политической воли государства в деле практической реализации стратегии;
- установление четкого специально – правового контроля за социально - экономическими и политическими процессами в стране при строжайшем соблюдении прав человека;
- достижение открытости и прозрачности принятия экономически значимых решений государственными должностными лицами;
- строго регулировать вопрос о работе по совместительству государственных служащих;
- необходимо поставить под контроль переход государственных служащих на должности руководителей коммерческих предприятий после их увольнения со службы;
- вести обязательное декларирование доходов семьи государственных чиновников всех ветвей власти;
- разработать чёткий механизм реализации требований нормативно-правовых актов по борьбе с коррупцией с последующим его освещением в СМИ;
- необходимо разработать: «Республиканский кодекс поведения и этических правил государственных служащих, их права и обязанности», который бы распространялся на все категории руководителей и служащих;
- разработать механизм более чёткого регулирования и ужесточения контроля за взносами на выборы и другие политические цели со стороны отдельных предпринимателей коммерческих и других криминальных структур, которые, представляют огромные средства в целях получения в будущем от избранного должностного лица власти, финансовых и иных преимуществ;
- строго организовать международное сотрудничество по сделкам с оружием, нефтью, газом и другим важным поставкам с учётом глобализации коррупции, сказывающихся на конкурентоспособности национальных товаров и услуг;
- конституционный принцип: все равны перед законом и судом требует уточнения и устранения допускаемого иммунитета об ответственности должностных лиц

избирательной системы за совершение уголовных преступлений;

- более чётко урегулировать механизм защиты свидетелей, представляющих важные сведения о коррумпированных чиновниках в связи с тем, чтобы активизировать помощь гражданского общества в борьбе с коррупцией;

- наиболее активно использовать СМИ для освещения коррупционных преступлений, коррумпированных чиновников, незаконных сделок и сотрудников правоохранительных органов, замеченных в этом;

- в период вступительных экзаменов в учебных заведениях включить в состав приёмной комиссии сотрудников правоохранительных органов;

- при назначении на должность оперативно-начальствующего состава сотрудников правоохранительных органов, осуществляющих борьбу с коррупцией особое внимание обращать на профессиональные, деловые, моральные, физические и личные качества, а не проекция родство, землячество, а также необходимо провести их частную ротацию.

Некоторые из этих аспектов заложены в содержании национальной стратегии, что обеспечивает механизм их реализации. Закон суров, но справедлив. Действенность любого закона оценивается по реакции членов общества и изменений, происходящих в общественно-политической жизни государства, активностью правоохранительной системы, одобрением народа политики государства и авторитетом его руководителей.

В заключение следует констатировать, что развитие организованной преступности и её распространение способствует коррумпированию чиновников государства и противодействие им – это одна из первоочередных задач самого общества и государства, а не только правоохранительных органов. Благодаря менталитету и особенностям нации Республики Таджикистан по сравнению с другими государствами бывшего советского союза мы находимся в более выгодном положении, иначе высокий уровень преступности и правовой нигилизм – это верный признак слабости государства. Надо подчеркнуть, что

всепроникающее и долговременное свойство коррупции в обществе привело к тому, что она стала аспектом культуры, близкой к социальным нормам и практике. Переходный период усиления демократизации и рыночной экономики не упразднил, или же правильнее сказать, не смог снизить масштаб коррупции в стране. Особой значимостью обладает феномен государственной коррупции в республике, тоесть участие в ней должностных лиц, состоящих на государственной службе, имеющих возможность распоряжаться не принадлежащими им ресурсами за счёт принятия (или не принятия) тех или иных решений.

Очевидно, что указанные обстоятельства делают борьбу с коррупцией в Республики Таджикистан одной из самых важных задач на сегодня и на перспективу, свидетельство тому национальная стратегия противодействия коррупции.

# ИМПЛЕМЕНТАТСИЯИ МЕЪЁРҲОИ КОНВЕНСИЯИ СММ ЗИДДИ КОРРУПСИЯ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ПРОБЛЕМА ВА МУЛОҲИЗАҲО

***Шарипов Т.Ш.****

Коррупсия аз ибтидо чун зуҳуроти таърихӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ арзёбӣ гардида аз ин ҷиҳат доимо мавриди омӯзиши илмҳои мухталиф, аз ҷумла таърих, иҷтимоиётшиносӣ, сиёсатшиносӣ, иқтисодиёт, фарҳанг ва ҳуқуқ қарор гирифтааст. Дар омузиши чунин як падидаи манфӣ ба хусус, саҳми илми ҳуқуқ хело назаррас буда, ягона мафҳуми аз ҷониби ҳамаи илмҳои дигар пазируфта шуда, **«коррупсия»** моли он аст.

Мафҳуми **«коррупсия»** (аз калимаи лотинии corruption-зарар расонидан, харида гирифтан) дар ибтидои маъни «зиён расонидан» ва «халалдор кардан»-и ҷараёни муътадили мурофиаи суди ё раванди идоракунии корҳои ҷомеаро дошт.

Минбаъд ин мафҳум такмил ёфта, коррупсия манъи бо роҳи мукофотдиҳи ба худ моил кардан, яъне харида гирифтани шахси мансабдор ва ба манфиати шахси истифода бурдани ваколатҳои хизматиро пайдо намуд. Дар асноди меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмиллалии муосир мафҳумҳои гуногуни коррупсияро истифода баранд ҳам, мафҳуми бештар маъмули онро Конгресси нуҳуми СММ пешниҳод кардааст, ки чунин аст: коррупсия – суистеъмол аз ваколатҳои хизмати бо мақсади ба даст овардани фоидаи шахси мебошад.

Дар қонунгузории миллӣ, хусусан дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди корррупсия» аз 25 июли соли 2005 таҳти №100 мафҳуми коррупсияро чунин муқарар карда шудааст:

«Коррупсия – ин кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлати ваколатдор ё ба онҳо баробар кардашудае мебошад, ки мақоми худ ё имкониятҳои онро бо мақсади ба манфиати худ ё шахсони дигар ба даст

---

* Профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултаи №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

овардани неъматҳои моддӣ ва ғайри моддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигари бо қонунҳо пешбинишуда, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартариятҳо бо мақсади моилкуни ва (ё) қадркунии онҳо барои иҷрои ин ё он кирдор (ҳаракат ё беҳаракати) ба манфиати шахсони воқеию ҳуқуқи истифода мебаранд» (м.1)[1].

Муҳақиқони ватани моҳияти коррупсияро бо роҳи муқоиса кардани он падидаҳои ба он монанд ё умуми, аз қабили порагири (ришвахури) дуруст дарк намуда, чунин менависад: аввалан, коррупсия – ин суистеъмол аз ваколатҳои мансаби бо мақсади ба даст овардани фоидаи шахси буда, порагири(ришвахури) яке аз шаклҳои коррупсия мебошад. Сониян, коррупсия бағайр аз порагири метавонад боз дар дигар шаклҳо аз ҷумла баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ, истифода бурдан ё додани имтиёзу бартариятҳои ғайри қонуни дар мавриди тақсимоти сарватҳои ҷамъиятӣ, азхудкуни ё исрофкории амволи боваркардашуда, сохтакории хизматӣ, хешутаборчиги, гуруҳбози, дахолат ба фаъолияти мақомоти давлати ва субъектони хоҷагидор, маҳдудкунии рақобат ва ғайра зоҳир мешавад.

Масъалаи мубориза бар зидди коррупсия дар тамоми давлатҳои дунё бароҳ монда шуда, таваҷуҳи ҷаҳониён ва ташкилотҳои бонуфузи байналмиллалиро дар қатори мубориза алайҳи терроризм, ифротгарои ва маводи мухаддир ҷалб менамояд.

Мубориза бар зидди коррупсия заминаҳои хело васеи меъёри – ҳуқуқи байналмиллалиро соҳиб аст. То имруз як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмиллали доир ба мубориза бар зидди коррупсия, аз ҷумла асноди зерин кабул шудаанд:

Кодекси байналмиллалии рафтори шахсони мансабдори давлатӣ (Қатъномаи Маҷмааи Умумии СММ таҳти №51/59 аз 28 январи соли 1997);

Конвенсияи СММ зидди ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ аз 15 ноябри соли 2003;

Меъёрҳои умумии мубориза бар зидди коррупсия дар идораҳои мақомоти полис (Интерпол соли 2002);

Нақшаи амалҳо оид ба мубориза бар зидди коррупсия барои кишварҳои иқтисодиёташон дар холи гузариш қарордошта (Истанбул, 12 сентябри соли 2003);

---

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2005. №7. Мод.402.

Конвенсияи СММ зидди коррупсия аз 31 октябри соли 2003.

Ҳаминро бояд тазакур намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии Конвенсияҳои СММ зидди ҷиноятқории муташаккили трансмиллӣ, Нақшаи Истамбулии амалҳо оид ба мубориза бар зидди коррупсия барои кишварҳои иқтисодиётташон дар ҳоли гузариш қарор дошта ва Конвенсияи СММ зидди коррупсия мебошад.

Муҳимтарин санади меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бар зидди коррупсия Конвенсияи СММ зидди коррупсия мебошад, ки дар ҷаласаи 58- уми Маҷмааи Умумии СММ аз 31 октябри соли 2003 қабул шуд, аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 сентябри соли 2006 ба имзо расида, бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2008 таҳти №952 тасдиқ карда шудааст[1].

Конвенсия мазкур аз 8 боб ва 71 модда иборат буда, мақсадҳои он мусоидат ба ҳалли масъалаҳои зерин мебошад:

1) Қабул ва таҳким бахшидан ба чораҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия, осон намудан ва дастгирӣ намудани ҳамкории байналмилалӣ дар ин соҳа.

2) Таҳия ва амали намудани сиёсати самараноки зиддикорупсионӣ, таъмини фаъолияти муътадили мақомоти махсусгардонидашуда, ташкил додани низоми самараноки хизмати давлатӣ, низоми дахлдори хариди давлатӣ, андешидани чораҳо ҷиҳати пешгирии коррупсия дар сектори хусусӣ.

3) Аз ҷониби кишварҳои аъзои Конвенсия муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳои нисбатан хатарноки коррупсионӣ, таъмини ҳифзи шоҳидон ва хабардиҳандагон, ҷуброни зарар аз коррупсия.

Мувофиқан кишварҳои иштирокчии ин санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои аз муқаррароти онҳо бармеомадагӣ, вазифадоранд санадҳои қонунии дахлдор қабул намуда, чораҳои зарурии ташкилию маъмуриро андешанд. Зеро коррупсия дар тамоми кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз проблемаҳои рӯзмара ба ҳисоб рафта, боиси нигаронии аҳли ҷомеа гаштааст. Бе сабаб нест, бодарки ба хатари ба ҷомеа доштаи ин зуҳуроти

---

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2005. № 4/08. Мод.330.

манфии̣ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ташабуси худ 21 июни соли 1999 дар ҷумҳури бори аввал Фармон «Дар бораи тадбирҳои ба таҳкими мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва коррупсия» - ро баровард. Хотимаи мантиқии фармони зикршуда, он гардид ки, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 декабри соли 1999 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо коррупсия»[1] - ро қабул намуд.

Баъди қабули Қонуни мазкур бисёр санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бар зидди коррупсия қабул шуд. Ба хусус Конвенсияи дар моҳи октябри соли 2003 дар Мексика қабулнамудаи СММ оид ба мубориза бар зиди коррупсия. Илова бар ин, Шабакаи зидди коррупсионии Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушди Аврупо моҳи январи соли 2004 тавсияҳои худро оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бар зидди коррупсия қабул намуда, пешниҳод кард.

Ҳолати мазкур зарурияти ба талаботи ин санадҳо мутобиқ ва инкишоф Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2005 «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» - ро ба миён овард.

Мақсад аз қабули қонуни нав дар дебочаи он ба тариқи зайл нишон дода шудааст:

- ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷамъият, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти мақомоти ҳокимитяи давлатӣ, поктинатӣ ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ;

- муқаррар кардани асосҳои ташкилию ҳуқуқии пешгирӣ, ошкоркунӣ, кушодан ва барҳам додани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахс;

- муайян намудани навъҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва чораҳои ҷавобгарӣ барои онҳо.

Ҳамин тариқ, дар баробари аз ҷониби қонунгузор мӯқаррар кардани мақсади ҳифз, муайян намудани навъҳои чунин ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷавобагрӣ барои онҳоро низ пешбии менамояд. Моддаҳои 11-14 боби 3 Қонуни мазкур мушаххаскунандаи мақсади охирин мебошад. Дар баробари ин қонуни зикргардида таҷрибаи ватаниро дар самти

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1999. №12. Мод.314.

авлавияти қонунгузории соҳавӣ ба инобад гирифта, муқаррароти зайли принсипи қонуният - «ҷиноят будани кирдор, сазовори ҷазо ва оқибатҳои дигар ҳуқуқӣ-ҷиноӣ будани онро танҳо ҳамин Кодекс муайян менамояд»-ро, ки қ.1 м.4 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, дар м.14 худ мустаҳкам менамояд.

Ногуфта намонад, ки сарфи назар аз қабули чунин як қонун, ҳамроҳ шудан хусусан ба Конвенсияи СММ зидди коррупсия ворид намудани тағироту иловаҳо ба як қатор қонунҳои кишвар, аз он ҷумла ба қонунгузории ҷиноятӣ, то кунун проблемаҳое ҷой доранд, ки ҳалли онҳо тақозои замон мебошад. Бахусус нигоштаҳои дар Лоиҳаи ҳисоботи мониторингии даври 3 нақшаи Истанбулии ҳаракат оид ба мубориза ба муқобили коррупсия аз 21 марти соли 2014 (минбаъд Лоиҳаи ҳисобот) дарҷшуда гувоҳии гуфтаҳои болоанд. Лоиҳаи ҳисоботи мазкур аз мазмун ва баррасии масъалаҳои сиёсати зидди коррупсионӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои коррупсия ва пешгирии коррупсия иборат мебошад.

Азбаски мавзӯи мо ҷабҳаи ҷиноятии коррупсияро дар бар мегирад, лозим донистем масъалаҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ, ки тавсияҳои муҳимтарини Лоиҳаи ҳисоботро дарбар мегирад мавриди таҳлил қарор диҳем.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои коррупсия як қисми ҳисоботро дар бар гирифта дар он мавзуҳои зерин пеши назар оварда шудаанд: ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ ва унсурҳои ҷиноят; таърифи шахси мансабдор; санксия, мусодира ва дахлнопазирӣ, татбиқ, тавзеҳ ва баррасӣ; мақомоти махсуси ҳифзи ҳуқуқ оид ба мубориза бо коррупсия. Дар ҳисобот ҳар яке аз мавзуҳо дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, нисбати онҳо аз нав тавсияҳо пешниҳод гардиданд. Баъди омӯзиши мавзуҳои баён шуда, мо лозим донистем то андозае ба бархе аз тавсияҳои нав, марбут ба мавзӯи таҳти таҳқиқот қарор гирифта андешаронӣ намоем.

1. Тавсияҳои нав нисбати мавзӯи ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ ва унсурҳои ҷиноят:

- Гузаронидани таҳлили амиқ ва муқоисавии Кодекси ҷиноятӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи коррупсия», Кодекс дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва дигар меъёрҳои дахлдори қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз рӯи натиҷаи ин таҳлил мутобиқ

гардонидани қонунгузории зиддикоррупсионии ҷиноятӣ ва маъмурии кишвар, аз ҷумла:

● ба қонунгузории ҷиноятӣ ворид намудани бандубасти «ваъда кардан», «таклиф намудан» ё «пешниҳод» - и ягонхел афзалитяи ғайриқонунӣ ва «пешниҳод/ваъда» - и ҳамин гуна бартарӣ ба сифати таркиби мустақили ҷиноят;

● ба қонунгузории ҷиноятӣ ворид намудани банду басти қасдан «пешниҳод» ва «ваъда» - и афзалияти ғайриқонунии шахси мансабдори оммавӣ ба сифати таркиби мустақили ҷиноят;

● аз нав дида баромадани мафҳумҳои мавҷудаи пора бо ҳатман нишон додани аломати ин ё он «афзалияти ғайриқонунӣ»;

● пешбинӣ намудани ҷавобгарӣ барои порагирии ғайрифаъол ва порагирӣ ба фоидаи шахси сеюм бо розигӣ ва огоҳии шахси мансабдор;

● Эътироф намудани шахси ҳуқуқӣ ба сифати субъекти ҳуқуқвайронкунии хусусияти коррупсионидошта, аз ҷумла барои истифодаи вазъи хизматӣ бо мақсади ғаразнок ва қонунигардонии маблағлаҳои пулӣ;

● баррасӣ намудани имконияти қабул намудани меъёрҳои дахлдори қонунгузорӣ бо мақсади пешбинӣ намудани ҷазои ҷиноятӣ барои бойшавии ғайриқонунӣ;

● ба сифати ҷиноят пешбинӣ намудани «суистифода аз нуфуз» бо мақсадҳои ғаразнок;

● мутобиқ намудани м.279 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо меъёрҳои пешбининамудани м.21 Конвенсияи СММ ба муқобили коррупсия;

● дар доираи Кодекси ҷиноятӣ маънидод намудани мафҳуми «шахсе, ки функсияҳои идоракуниро дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилотҳо иҷро мекунад»

● ҷудо намудани элементҳои таркиби ҷиноятҳои м.279 ва 324 Кодекси ҷиноятӣ бо мақсади роҳ надодан ба такроршавии меъёрҳои мазкур;

● ворид намудани мафҳуми ягонаи «тамаъҷӯйӣ»;

**2. Тавсияҳои нав нисбати шахси мансабдор, аз ҷумла:**

● ҷорӣ намудани мафҳуми ягонаи «шахси мансабдор» ба хотири он ки ин таъриф тамоми категорияи шахсоне, ки дар Конвенсияи СММ зидди коррупсия нишондодаро дар бар гиранд, аз он ҷумла шахсоне, ки ягон хел функсияи оммавиро

иҷро мекунанд, аз он ҷумла барои идораҳои оммавӣ ё корхонаҳои оммавӣ ё ягон хел хизмати оммавиро иҷро мекунанд;

● ошкор намудани тамоми шахсоне, ки вобаста ба навъи фаъолияти худ ҷиноятҳои коррупсиониро содир мекунанд, вале дар Кодекси ҷиноятӣ ба сифати субъекти ҷинояти мазкур, на ба сифати шахси мансабдор, на ба сифати шахсе, ки вазифаи идоракуниро дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилотҳо иҷро мекунанд эътироф наменамояд;

● ба эзоҳи мафҳуми «шахси мансабдори давлати хориҷӣ» илова намудани категория шахсоне,ки ягон функсияи оммавиро, аз он ҷумла барои корхонаи оммавӣ иҷро мекунанд.

**3. Тавсияҳо нисбати санксия, мусодира ва дахлнопазирӣ, аз ҷумла:**

● пешбинӣ намудани мусодираи молу мулк нисбати шахсони сеюм дар ҳолати соҳиб шудан ё ба соҳибиятӣ каси дигар додани молу мулк, ки ҷиноятро танҳо худи ӯ содир кардааст;

● дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият ва механизмҳои минбаъдаи маҳдуд намудани масунияти шахсони мансабдор, аз он ҷумла судяҳо ва вакилон мавриди баррасӣ қарор дода, то ин ки масъуниятҳо баҳри таъмин намудани вазифаҳои худ, танҳо дар давраи дар мансаб буданро дарбар гиранд;

● муқаррар намудани тартиби оҷил ва самараноки бардоштани масъуният дар асоси меъёрҳои аниқ.

Дар воқеъ тавсияҳои пешниҳод шуда, дар маҷмуъ ҷолиби диққат буда, дар самти муқовимат бо коррупсия тавассути тағир додани меъёрҳои қонунҳои алоҳида аз аҳамият холӣ намебошад. Дар баробари ин мо лозим донистем андешаи хешро нисбати тавсияҳои пешниҳод шуда мушаххасан то ҳадди имкон иброз намоем.

Сараввал, ҳаминро бояд қайд намуд, ки шартан мумкин аст тавсияҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намуд:

**1**.Тавсияҳои қобили қабул, аз ҷумла, гузаронидани таҳлили амиқ ва муқоисавии Кодекси ҷиноятӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи коррупсия», Кодекс дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва дигар меъёрҳои дарлдори қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз рӯи

натиҷаи ин таҳлил мутобиқ гардонидани қонунгузории зиддикоррупсионии ҷиноятӣ ва маъмурии кишвар; ба қонунгузории ҷиноятӣ ворид намудани бандубасти «ваъда кардан», «таклиф намудан» ё «пешниҳод»-и ягонхел афзалитяи ғайриқонунӣ ва «пешниҳод/ваъда»-и ҳамин гуна бартарӣ ба сифати таркиби мустақили ҷиноят; ба қонунгузории ҷиноятӣ ворид намудани банду басти қасдан «пешниҳод» ва «ваъда»-и афзалияти ғайриқонунии шахси мансабдори оммавӣ ба сифати таркиби мустақили ҷиноят; аз нав дида баромадани мафҳумҳои мавҷудаи пора бо ҳатман нишон додани аломати ин ё он «афзалияти ғайриқонунӣ»; пешбинӣ намудани ҷавобгарӣ барои порагирии ғайрифаъол ва порагирӣ ба фоидаи шахси сеюм бо розигӣ ва огоҳии шахси мансабдор ва ғайра.

2. Тавсияҳое, ки қабули онҳо боиси номувофиқи миёни қонунгузории соҳавиро бо Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоварад, аз он ҷумла, эътироф намудани шахси ҳуқуқӣ ба сифати субъекти ҳуқуқвайронкунии хусусияти коррупсионидошта, аз ҷумла барои истифодаи вазъи хизматӣ бо мақсади ғаразнок ва қонунигардонии маблағлаҳои пулӣ; баррасӣ намудани имконияти қабул намудани меъёрҳои дахлдори қонунгузорӣ бо мақсади пешбинӣ намудани ҷазои ҷиноятӣ барои бойшавии ғайриқонунӣ.

Дар ибтидо ҳаминро бояд қайд намуд, ки қабули қисми бештари тавсияҳо тавассути «Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи 2013, таҳти №1504 тасдиқ шудааст, қаблан чунин чорабиниҳои мушаххасро ба нақша гирифтааст.

Нисбати гуруҳи дуюми тавсияҳо сараввал ҳаминро бояд гуфт, ки аз мазмуни тавсиҳои пешниҳод шуда, чунин бармеояд, ки қонунгузории ҷиноятӣ бояд ҷавобгариро нисбати шахсони ҳуқуқӣ муқаррар намояд. Аз рӯи ҳисоботи онҳо «коршиносон Конститутсияи Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор дода, ба чунин хулоса омадаанд, ки Конститутсияи Тоҷикистон ягон хел монеъаро барои эътироф намудани шахси ҳуқуқӣ ба сифати субъекти ҷиноят пешбинӣ накардааст».

Ба андешаи мо тавсияи баёншуда бо далелҳои зерин қобили қабул намебошад.

Якум, воқеан дар қ.1 м.26 Конвенсияи СММ зидди коррупсия муқаррар шудааст «ҳар як давлати иштирокчӣ чунин чораҳоеро меандешад, ки метавонанд бо дар назардошти принсипҳои ҳуқуқии он ҷиҳати муқаррар намудани шахсони ҳуқуқӣ барои иштирок дар ҷиноятҳое, ки ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст зарур бошанд», аммо дар қисми 2 ҳамин модда навишта шудааст «бо шарти риояи принсипҳои ҳуқуқии Давлати иштирокчӣ ҷавобгарии шахсони ҳуқуқӣ метавонад, ҷиноятӣ, граждании, ҳуқуқӣ ё маъмурӣ бошад». Аз муқаррароти меъёри охирин чунин бармеояд, ки ҳар як давлати эътироф кардаи Конвенсияи мазкур бо шарти риояи принсипҳои ҳуқуқии худ метавонад, яке аз ин намуди ҷавобгариро нисбати шахсони ҳуқуқӣ пешбинӣ намояд.

Дуюм, бо риояи принсипҳои ҳуқуқии худ, шарти асосии ҷавобгарии шахсони ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ муқаррароти моддаҳои 19 ва 20 Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар онҳо ибораи «ҳар кас»зикр шудааст ва м. 23 Кодекси ҷиноятӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон - танҳо шахси воқеии мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки ба синну соли муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс расидааст – аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки шахсони ҳуқуқиро ба ҳеҷ сурат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест.

Тавсияи навбатиро ибораи зайл ташкил медиҳад: баррасӣ намудани имконияти қабул намудани меъёрҳои дахлдори қонунгузорӣ бо мақсади пешбинӣ намудани ҷазои ҷиноятӣ барои бойшавии ғайриқонунӣ. Яке аз воситаи муқовимат бо коррупсия тибқи м.20 Конвенсияи СММ зидди коррупсия муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои бойшавии ғайри қонунӣ мебошад. Мувофиқи муқаррароти меъёри моддаи мазкур «бо шарти риояи Конститутсия ва принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии худ ҳар як Давлати иштирокчӣ имконияти қабули чунин чораҳои қонунгузорӣ ва чораҳои дигарро баррасӣ менамояд, ки метавонанд барои ба сифати ҷазои ҷиноӣ эътироф намудани кирдорҳои зайл ҳангоми қасдан содир кардани онҳо зарур бошад: бойшавии ғайри қонунӣ, яъне афзоиши калони дороии шахси мансабдори оммавӣ, ки аз даромадҳои қонунии ӯ зиёд

мебошад ва онро ӯ бо тарзи фаҳмо асоснок карда наметавонад». Баррасии таклифи мазкур кайҳо боз мавриди омӯзиши муҳақиқон гардидааст. Ба андешаи мо ҳалли ин таклиф бевосита аз мазмуни мантиқии ибораи авали меъёри муқарраркардаи м.20 Конвенсия - «бо шарти риояи Конститутсия ва принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии худ ҳар як давлати иштирокчӣ имконияти қабули чунин чораҳои қонунгузорӣ ва чораҳои дигарро баррасӣ менамояд» - ҳувайдо мешавад. Ҳамин тариқ, санади байналмиллалӣ пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятиро барои ба сифати ҷазои ҷиноятӣ эътироф намудани бойшавии ғайриқонунӣ бо шарти риояи конститутсия ва принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии ҳар як давлат марбут медонад. Аз ин рӯ ҳангоми ҳамроҳ шудан ва ба тасвиб расонидани Конвенсияи СММ зидди коррупсия ба мақомоти зисалоҳи кишвари мо лозим меомад, ки масъалаи муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятиро барои бойшавии ғайри қонунӣ бо шарти риояи Конститутсия ва принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии худ ҳал менамуд.

# СУХАНИ ҶАМЪБАСТИИ САРДОРИ АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ДОКТОРИ ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ, ПРОФЕССОР ЗОИРОВ ҶУРАХОН МАҶИДОВИЧ (МАҶИДЗОДА Ҷ.З.)

Миннатдории худро барои ҳамаи маърӯзачиён ва иштирокчиёне, ки дар музокира баромад намудаанд, баён менамоям ва қайд кардaниам, ки дар баромадҳои иштирокчиёни конференсия мавҷуд будани проблемаи коррупсия дар Тоҷикистон ҳамчун зуҳуроти хавфноки ҷомеа якдилона эътироф гардид. Дар миқёси ҷаҳонӣ бошад, коррупсия ҳамчун ҷиноятӣ вазнин ва яке аз унсурҳои таҳдидкунанда ба амнияти миллатҳо ва халалдоркунандаи рушду суботи иҷтимоӣ ва иқтисодии давлатҳои алоҳида арзёбӣ гардидааст. Рузмарра ва мубрам будани масъалаи баррасишавандаро ба инобат гирифта, Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии фаъоли раванди ҷаҳонии муқовимат бо коррупсия гардид ва дар сатҳи миллию байналмилалӣ чораҳои дахлдори ташкилию ҳуқуқиро андешида истодааст.

Фикр дорам, барпо намудани чунин конференсияҳо оид ба масъалаҳои муҳими муқовимат бо коррупсия барои таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои коррупсионӣ баҳри самаранок гардонидани кори душвори кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мувофиқи мақсад мебошад.

Инчунин натиҷаи масъалаҳои баррасишударо ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ташкилоту муассисаҳои дахлдор барои истифода дар фаъолияти амалиаашон ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ равон кардан аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Андеша дорам, конференсияи мазкур баҳри ҷоннок кардани ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат дар муқовимат бо коррупсия самараи муҳим дод ва ин иқдомро давом додан мувофиқи мақсад мебошад.

Ба ҳамаи иштирокчиёни конференсия минатдории бепоён барои ташриф овардан ба чорабинии имрӯзаи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таманнои пирузиҳою муваффақиятҳо ба корҳои илмӣ-тадқиқотиашонро дорам!

***Барои қайдҳо***

***Барои қайдҳо***

**«ҲАМКОРИҲОИ МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ТОҶИКИСТОН ДАР МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ»**

**Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ**
**(Душанбе, 17 апрели соли 2014)**

*734024, ш.Душанбе, кӯчаи Восеъ 123*
*Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*734024, г.Душанбе, улица Восе 123*
*Академия МВД Республики Таджикистан*

***Тел.: + (992 37) 226-60-48***
***Факс: + (992 37) 226-60-43***

Ба чоп 20.11.2014 с., таҳвил шуд. 60х84, 1/16, 15 п/л
Гарнитура «Times New Roman», «Times New Roman Tj»
Теъдод 300 д., Супориш №
Нархаш – шартномавӣ

**Маҷалла дар ҶДММ «Бухоро» ба табъ расидааст**
**734036, ш.Душанбе, хиёбони «Дӯстии халқҳо», 47**